**Хадамоти**
**назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории**
**назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# БЮЛЛЕТЕНИ АХБОРОТӢ
# № 2024-1

Таҳлили ҳодисаҳои нохуши дар нимсолаи аввали соли 2024 бақайдгирифташуда

Душанбе - 2024

**Ҳамаи кормандон аз ҷониби корфармо тибқи тартиб ва шартҳое, ки дар қонунгузорӣ ва шартномаи коллективӣ (созишнома) пешбинӣ гардидаанд, ба суғуртаи ҳатмии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ ё дигар сабабҳои носолимии вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ бояд фаро гирифта шаванд.**

Боби 2 моддаи 19 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329

Зери роҳбарии:
**Раҳим Санъат Асо** – сардори Хадамот.

Таҳияи:

**Мирзозода А. А. -** муовини якуми сардори Хадамот.
**Азиззода Т.Б. -** муовини сардори Хадамот.

**Олимӣ З.** – садори раёсати илмию техникии Хадамот.

Бо мақсади пешгирии ҳодисаҳои нохуш дар корхонаҳои зериназоратӣ ва корбарии кормандони Хадамот ва вазорату идораҳои марбутаи давлатӣ пешниҳод мегардад.

Дар бюллетени ахборотии мазкур ҳодисаҳои нохуши рухдода дар корхонаҳо таҳлил карда шудаанд, ки иншооти истеҳсолии хатарнокро истифода мебаранд.

Дар таҳияи бюллетен маълумоти нозиротҳои Хадамот, инчунин маводҳои комиссияҳои тафтишоти ҳодисаҳои нохуш истифода шудааст.

# ИСТИЛОҲОТ

**Назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии саноатӣ -** назорати давлатиро дар соҳаи бехатарии саноатӣ мақоми ваколатдор мувофиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

Шахсони мансабдори мақоми ваколатдори соҳаи бехатарии саноатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ ҳуқуқ доранд:

- ба ташкилотҳои истифодабарандаи иншооти истеҳсолии хатарнок дароянд;
- бо ҳуҷҷатҳое, ки барои тафтиши аз тарафи ташкилоти истифодабарандаи иншооти истеҳсолии хатарнок иҷро намудани талаботи бехатарии саноатӣ заруранд, шинос шаванд;
- ба ташкилотҳои истифодабарандаи иншооти истеҳсолии хатарнок ҷиҳати рафъи вайронкуниҳои ошкоршудаи талаботи бехатарии саноатӣ нишондодҳо диҳанд;
- дар доираи ваколатҳои худ оид ба бехатарии саноатӣ, аз ҷумла нисбати гузаронидани экспертизаи бехатарии саноатии биноҳо ва иншооти воқеъ дар объектҳои хатарнок нишондодҳо диҳанд;
- шахсони дар вайронкунии талаботи бехатарии саноатӣ гунаҳкорро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашанд, инчунин барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони зикршуда ҳуҷҷатҳоро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристанд.

**Бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок** (ё худ бехатарии саноатӣ) – ҳолати ҳимоявии манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсӣ ва ҷамъиятӣ аз садамаҳои хатарноки иншооти истеҳсолӣ ва оқибатҳои садамаҳои номбаршуда;

**Садама** – вайроншавии иншоотҳо ва (ё) таҷҳизоти техникӣ дар иншооти истеҳсолии хатарнок истифодашаванда ва (ё) ба ҳаво хориҷ шудани моддаҳои

хатарнок, инчунин вайронкунии ҷараёни технологӣ, расонидани зарар ба механизму таҷҳизотҳо ва иншооте, ки боиси ҳалокати одамон, зарар ба саломатии онҳо, муҳити зист ва хароб кардани объектҳои хоҷагидорӣ, зарари калони моддӣ, вайрон шудани шароити фаъолияти зиндагии одамон гардидаанд, ё боиси он гардида метавонанд.

**Ҳодиса** - аз кор баромадан ё вайрон шудани таҷҳизоти техникии дар иншооти истеҳсолии хатарнок истифодашаванда, баромадан аз тартиби ҷараёни технологӣ, вайрон намудани талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии техникии муайянкунандаи қоидаҳои пешбурди кор дар иншооти истеҳсолии хатарнок.

**Объекти истеҳсолии хатарнок -** корхона, сех, қитъа, майдончаҳои онҳо, инчунин дигар иншоотҳои истеҳсолие дохил мешаванд, ки дар онҳо моддаҳои хатарнок (даргиранда, оксидшаванда, сӯзанда, тарканда, заҳрнок, заҳрнокиашон баланд ва моддаҳои барои муҳити зист хатарнок) истеҳсол менамоянд, истифода мебаранд, аз нав коркард мекунанд, ба вуҷуд меоранд, нигоҳ медоранд, интиқол медиҳанд, нобуд месозанд. Инчунин механизмҳо, таҷҳизотҳо ва ҷараёни истеҳсолии технологии зерин мансуб аст:

-таҷҳизоте истифода бурда мешавад, ки таҳти фишори зиёда аз 0,07 мегапаскал ё ҳангоми зиёда аз 115 дараҷа селсий гарм шудани об кор мекунад;

-механизмҳои сайёр ва доимӣ васлшудаи борбардор, экскаваторҳо, лифтҳо, роҳҳои танобӣ, фуникулёрҳо истифода мешаванд;

-гудохтаҳои металлҳои сиёҳу ранга ва хӯлаҳое, ки дар асоси ин гудохтаҳо истеҳсол мешаванд.

-корҳои куҳӣ маъдантозакунӣ, инчунин корҳои зеризаминӣ гузаронида мешаванд;

-иншооти гидротехникӣ. *

**Бехатарии меҳнат** – маҷмӯи чорабиниҳо, ки барои таъмини ҳифзи кормандон дар раванди фаъолияти

меҳнатӣ равона шуда, таъсири омилҳои хатарнок ва зараровари истеҳсолиро истисно мекунанд.

**Ҳифзи меҳнат** - низоми чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иштимоию иқтисодӣ, ташкилию техникӣ, санитарию гигиенӣ, табобатию пешгирӣ ва барқароркунӣ, ки мутобиқи кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти кори инсонро дар ҷараёни меҳнат таъмин мекунад;***

**Шароити бехатарии меҳнат** - шароити меҳнате, ки дар он таъсири омилҳои хатарнок ё зараровари истеҳсолӣ ба кормандон истисно карда шудааст ё дараҷаи таъсири онҳо аз меъёрҳои муқарраргардида зиёд набошад.***

* Моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок»;

** Моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок»;

** Моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок»;

*** Моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## Таҳлили ҳодисаҳои нохуши истеҳсолии рухдода дар корхонаҳои зериназоратии Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2024.

Дар Хадамот дар нимсолаи аввали соли 2024 ҳамагӣ 18 ҳодисаи нохуш ба қайд гирифта шудааст. Дар натиҷаи ҳодисаҳои нохуши рухдода 14 нафар ба ҳалокат расида, 6 нафар ҷароҳати ҷисмонӣ бардоштаанд, ки аз онҳо 11 нафар шахсони ба ҳалокат расида шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии

Исломии Эрон ва 2 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Хитой мебошанд. Аз шахсони ҷароҳатбардошта бошад 2 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Хитой ва 1 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мебошанд.

Аз муқоисаи ҳамин давраи солҳои 2024 ва 2023 бармеояд, ки шумораи ҳодисаҳои нохуш 12 адад, шумораи шахсони ба ҳалокат расида 12 нафар ва шумораи шахсони ҷароҳати ҷисмонӣ бардошта низ 15 нафар кам гардидааст.

Таҳлили ҳодисаҳои нохуши дар нимсолаи аввали соли 2024 рухдода вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ (вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) чунин аст:

| **р/т** | **Ҳодисаҳои нохуши рухдода** | **Ҳамагӣ** | **ВМКБ** | **Вилояти Суғд** | **вилояти Хатлон** | **НТҶ** | **Шаҳри Душанбе** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Миқдори умумӣ | **18** | 0 | 10 | 0 | 6 | 2 |
| 2. | Дар онҳо зарар диданд: (нафар) | **20** | 0 | 12 | 0 | 6 | 2 |
| **аз ҷумла:** | | | | | | | |
| 2.1 | Ҳалок гардиданд: | **14** | 0 | 7 | 0 | 5 | 2 |
| 2.2 | Ҷароҳат бардоштанд: | **6** | 0 | 5 | 0 | 1 | 0 |

**ВМКБ:**

-дар вилоят хушбахтона ягон ҳодисаи нохуш ё садамаи истеҳсолӣ ба қайд гирифта нашудааст.

**Вилояти Суғд:**

дар вилоят 10 ҳодисаи нохуш рух дода, бар асари онҳо 12 нафар зарар дидаанд, ки аз онҳо 7 нафар ба ҳалокат расида ва 5 нафар ҷароҳат бардоштаанд.

**Вилояти Хатлон:**

-дар вилоят хушбахтона ягон ҳодисаи нохуш ё садамаи истеҳсолӣ ба қайд гирифта нашудааст.

**Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ:**

-дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 6 ҳодисаи нохуш рух дода, бар асари онҳо 6 нафар зарар дидаанд, ки аз онҳо 5 нафар ба ҳалокат расида, 1 нафар ҷароҳат бардоштааст.

**шаҳри Душанбе:**

- дар ҳудуди шаҳри Душанбе 2 ҳодисаи нохуш рух дода аст, ки дар натиҷа 2 нафар ҳалок гардиданд.

Таҳлили ҳодисаҳои нохуши рухдода вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоби фоиз чунин аст:

Аз 100 фоизи умумӣ ба вилояти Суғд 55,5%, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 33,3% ва ба шаҳри Душанбе 11,2 % рост меояд. (ниг. ба расми 1).

Аз ин рӯ, масъулини назоратӣ ва ташкилоту корхонаҳои дахлдор барои пешгирии ҳодисаҳои нохуш бояд тамоми чораҳои заруриро андешанд.

Расми 1.



**Тавсифи**
**мухтасари ҳодисаҳои нохуш дар нимсолаи аввали соли 2024 чунин аст:**

**1.** Санаи 19 декабри соли 2023 тахминан соати $12^{\underline{30}}$ дақиқа бо коргари ҶДММ «Фариза» Каримов Илёсҷон Бахтиёрович, соли таваллудаш 1993 ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ дар бинои 7 ошёнаи сохтмонаш нотамом воқеъ дар маҳаллаи 1-уми шаҳри Турсунзода, ҳодисаи нохуши марговар рух додааст.

**2.** Ҳодисаи нохуши ҳолати гуруҳии марговар ва ҷароҳатбардорӣ санаи 22 январи соли 2024 тахминан соати $3^{\underline{30}}$ дақиқа дар қитъаи зеризаминии КФ “Шахтаи Фон Яғноб” воқеъ дар уфуқи 2813 метр бо нақбканони ҶДММ «Тит Антен» шаҳрвандони Ҷумҳурии халқии Хитой Хун Хуйчжу соли таваллудаш 1982 ва Чжу Сзямао сол таваллудаш 1977 рух додааст.

**3.** Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 31 январи соли 2024 тақрибан соати 08 $^{\underline{10}}$ дақиқа ҳангоми ҳаракат ба қитъаи корӣ дар сатҳи 1322,14 метри ПК1+46,80 портали баромадгоҳи нақбҳои обпартои болоии (OVS) бо коргари қитъаи бетонкории раёсати сохтмони истеҳсолии ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» дар шаҳри Роғун Саидомилов Фахридин Давлатхоҷаевич, соли таваллудаш 1992 рух додааст.

**4.** Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 8 феврали соли 2024 тахминан соати $13^{\underline{00}}$ дақиқа дар минтақаи сохтмони корхонаи истихроҷи регу шағали ҶДММ «Розияи Сангрез» бо корманди Шабакаҳои барқии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Ашурмуротов Насим, соли таваллудаш 1977 рух додааст.

**5.** Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар, ки санаи 21 феврали соли 2024 тақрибан соати 14 $^{\underline{25}}$ дақиқа дар натиҷаи афтидан аз ковши боркунаки тамғаи «Люгонг» бо рақами қайди давлатӣ РА 09-04 РТ 01 дар қитъаи

кории нақби TSA -3 бо пармагари ҶДММ «Фарроб» Зоидов Содиқшо Акбаршоевич, соли таваллудаш 1969 рух додааст.

**6.** Ҳодисаи нохуши ҳолати ҷароҳатбардорӣ санаи 23 феврали соли 2024 тахминан соати $16^{\underline{40}}$ дақиқа ҳангоми иҷрои корҳои зеризаминӣ дар кони «Морон»-и ҶМТКММ «Апрелевка» бо ёрдамчии нақбкан Қобилов Ҳаётулло санаи таваллудаш 27.04.1998 рух додааст.

**7.** Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 27 феврали соли 2024, тахминан соати $4^{40}$ дақиқа дар нақби №8, назди чоҳи маъданхоликунии кони маъдани «Анзоб» бо коргари маъданкаши минтақаи №1 ҶДММ ТА КМ «Анзоб» - Ҳоҷибоқиев Сулаймон Ҷураевич, соли таваллудаш 1977 рух додааст.

**8.** Ҳодисаи нохуши ҳолати ҷароҳатбардорӣ санаи 20 марти соли 2024 тахминан соати $10^{\underline{00}}$ дақиқа дар басти якуми ҳавзаи УПР кони зеризаминии №8, тамоили 11, уфуқи 1056 метри ҶСК «Ангишт» бо коргари зеризаминӣ Раҳмонов Фаррух Маҳмадалиевич соли таваллудаш 1992 рух додааст.

**9.** Ҳодисаи нохуши гуруҳии ҳолати ҷароҳатбардорӣ ва марговар санаи 29 марти соли 2024 тақрибан соати $8^{45}$ дақиқа дар қитъаи зеризаминии №5, кони Равоти ҶСП «Комбинати металлургии тоҷик» бо нақбканони ҶДММ «Кӯҳҳои тиллоии Тоҷикистону Хитой» Ден Дайбин соли таваллудаш 1971 ва Пи Гуан, соли таваллудаш 1965 рух додааст.

**10.** Ҳодисаи нохуши ҳолати ҷароҳатбардорӣ санаи 17 марти соли 2024, тахминан соати $19^{\underline{30}}$ дақиқа бо Хоу Ху соли таваллудаш 31 декабри 1971, сангғалтони (заколщик) кони маъдани «Пакрут»-и ҶДММ «Вен Дзян» ҳангоми тоза намудани санговезаҳо аз шифти нақб рух додааст.

**11.** Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 2 апрели соли 2024 тақрибан соати 10 [45] дақиқа дар қитъаи зеризаминии №6, уфуқи 2582 метри кони Равоти ҶСП «Комбинати металлургии тоҷик» бо кӯҳкори зеризаминӣ (гроз) - Мабудов Мабуд Маҳмудович соли таваллудаш 1992 рух додааст.

**12.** Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 28 апрели соли 2024 тахминан соати 17 [55] бо ҳарроти ҶДММ «Заринк» Бобоев Қиёмиддин Зиёвиддинович соли таваллудаш 1962 рух додааст.

**13.** Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 7 апрели соли 2024 тахминан соати 7[00] дақиқа бо оператор-хазиначии нуқтаи фуруши сӯзишвории ҶДММ «Мабдаи Нур» дар шаҳри Истаравшан - Қодиров Валиҷон Турсунович, соли таваллудаш 1969 рух додааст.

**14.** Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 8 майи соли 2024 тахминан соати 17 [10] дақиқа дар нишебии обқабулкунаки доимии сохтмони иншооти НБО «Роғун» бо муҳандиси ФҶСП ШМ «Туннел Садди Ориёно» Ҳасан Каримӣ Сайдалӣ, соли таваллудаш 1977 дар натиҷаи канда шудани қубур аз терминали тақсимоти ҳавои фишурдаи ҳавоҷамъкунаки ҶСП «Заводи таҷрибавии механикӣ» рух додааст.

**15.** Ҳодисаи нохуши ҳолати ҷароҳатбардорӣ санаи 22 апрели соли 2024 тахминан соати 7[00] дақиқа дар қитъаи зеризаминии №3 ҶДММ «Сиёвуш Ф» бо устои кӯҳӣ - Ҳусайни Саид Хон Оғо, соли таваллудаш 1999 шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон рух додааст.

**16.** Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 24 майи соли 2024 тахминан соати 16 [15] бо коргари ҶДММ «Тит Антен», пудратчии КФ «Шахтаи Фон Яғноб» – Адҳамов Урунбек Ҳамдамович соли таваллудаш 1978 рух додааст.

**17.** Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 26 майи соли 2024 тақрибан соати 23 $\underline{05}$ дақиқа дар шаҳри Душанбе ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ 57, маркази савдои «Пайкар» бо боркаши ҶДММ «Реал Трейдинг» Қараев Ҳошим Ҳамроқулович, соли таваллудаш 1998 рух додааст.

**18.** Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 20 июни соли 2024 тахминан соати 16 $\underline{30}$ дақиқа бо кӯҳкори ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ – саноатии Тоҷикистону Хитой» Рабиев Варқа Раҷаббоевич, дар кони зеризаминии Зарнисор, уфуқи 7 (сатҳи 1220 метр) рух додааст.

**Дар нимсолаи аввали соли 2024 дар корхона ва ҷамъиятҳои зерин ҳодисаҳои нохуш рух додааст:**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Сохтмони иншооти НБО «Роғун» | -3 ҳодиса |
| 2 | ҶДММ «Фариза» | -1 ҳодиса |
| 3 | ҶДММ «Тит Антен», пудратчии КФ «Шахтаи Фон Яғноб» | -2 ҳодиса |
| 4. | ҶДММ «Розияи Сангрез» | -1 ҳодиса |
| 5. | ҶМТКММ «Апрелевка» | -1 ҳодиса |
| 6. | ҶДММ ТА КМ «Анзоб» | -1 ҳодиса |
| 7. | ҶСК «Ангишт» | -1 ҳодиса |
| 8. | ҶДММ «Кухҳои тиллоии Тоҷикистону Хитой» | -1 ҳодиса |
| 9. | ҶДММ «Вен Дзян», пудратчии ҶДММ «Пакрут» | -1 ҳодиса |
| 10. | ҶСП «Комбинати металлургии тоҷик» | -1 ҳодиса |
| 11. | ҶДММ «Заринк» | -1 ҳодиса |
| 12. | ҶДММ «Мабдаи Нур» | -1 ҳодиса |
| 13. | ҶДММ «Сиёвуш Ф» | -1 ҳодиса |
| 14. | Маркази савдои «Пайкар»-ҶДММ «Реал Трейдинг» | -1 ҳодиса |
| 15. | ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ - саноатии Тоҷикистону Хитой» | -1 ҳодиса |

Яъне 18 ҳодисаи нохуш дар нимсолаи аввали соли 2024 дар 15 корхонаҳо ва объектҳо рух додааст.

Дар ҶСК «НБО Роғун» дар давоми нимсолаи аввали соли 2024 ҳамагӣ 3 ҳодисаи нохуш ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷа 3 нафар ба ҳалокат расидаанд.

Таҳлили ҳодисаҳои нохуши руxдодаи нимсолаи аввали соли 2024 вобаста ба корхонаҳои зертобеъ ва зериназоратии вазорату идораҳо ва дигар иншоотҳо чунин аст:

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Сохтмони иншооти НБО «Роғун» | -3 ҳодиса |

**Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Тит Антен», пудратчии КФ «Шахтаи Фон Яғноб» | -2 ҳодиса |
| 2. | ҶМТКММ «Апрелевка» | -1 ҳодиса |
| 3. | ҶДММ ТА КМ «Анзоб» | -1 ҳодиса |
| 4. | ҶСК «Ангишт» | -1 ҳодиса |
| 5. | ҶДММ «Кухҳои тиллоии Тоҷикистону Хитой» | -1 ҳодиса |
| 6. | ҶДММ «Вен Дзян», пудратчии ҶДММ «Пакрут» | -1 ҳодиса |
| 7. | ҶСП «Комбинати металлургии тоҷик» | -1 ҳодиса |
| 8. | ҶДММ «Сиёвуш Ф» | -1 ҳодиса |
| 9. | ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ саноатии Тоҷикистону Хитой» | -1 ҳодиса |
| 10. | ҶДММ “Розияи Сангрез” | -1 ҳодиса |
| 11. | ҶДММ “Заринк” | -1 ҳодиса |

Яъне дар нимсолаи аввали соли 2024 дар 11 корхонаҳои соҳаи саноат 12 ҳодисаи нохуш рух додааст, ки дар натиҷа 14 нафар зарар дидаанд, аз онҳо 8 нафар ҳалок гардида, 6 нафар ҷароҳат бардоштанд.

**Маълумот оид ба ному насаби зарардидагон, номи корхонаҳо, синну соли онҳо, маҳалли зисти онҳо, вазъи оилавӣ ва шумораи шахсон ва ноболиғони дар таъминоти онҳо буда.**

**1. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 19 декабри соли 2023 тахминан соати $12^{\underline{30}}$ дақиқа бо коргари ҶДММ «Фариза» Каримов Илёсҷон Бахтиёрович, соли таваллудаш 1993 ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ дар бинои 7 ошёнаи сохтмонаш нотамом воқеъ дар маҳаллаи 1-уми шаҳри Турсунзода рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида:**

Каримов Илёсҷон Бахтиёрович санаи таваллудаш 29 октябри соли 1993, коргари ҶДММ «Фариза».

Вазъи оилавӣ - оиладор соҳиби 2 фарзанд:

- ҳамсараш Марасулова Гулсара Баҳодировна;

- писараш Каримов Иброҳим Илёсҷонович, санаи таваллуд 08.07.2019;

-духтараш Каримова Гулноза Илёсҷоновна, санаи таваллуд 03.03.2022.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш**

Аз баёноти шоҳидон бармеояд, ки санаи 19 декабри соли 2023 тахминан соати $10^{\underline{00}}$ кормандони ҶДММ «Фариза» Ҳамроев Аҳрор, Шукуров Аҳлиддин, Каримов Илёсҷон ва Очилдиев Ботир аз саркор Абдуллоев Лугмон Абдуалиевич бо тарзи шифоҳӣ супориши корӣ, инчунин супориш оиди баровардани хиштҳоро ба ошёнаи 7-ум бо крани автомобилии Зумлион «ZTC251E» ба кормандон дода шудааст. Ҳамин тавр идоракунандаи крани автомобилӣ Бобизода Акмал Камол крани автомобилиро, ки санаи 18 декабри соли 2023 ба назди минтақаи сохтмонии бинои истиқоматии баландошёна воқеъ дар маҳаллаи 1-ум, назди бинои 11-и шаҳри Турсунзода оварда будааст, ба даруни сохтмон медарорад. Ҳамроев Аҳрор бо ҳамроҳии Шукуров Аҳлиддин аз қисмати поёни бино хиштҳоро ба қуттии

хиштборкунӣ (бадья) бор карда, баъд аз боркунӣ ба идоракунандаи крани автомобилӣ ишора кардаанд, ки борро бардорад.

Идоракунандаи крани автомобилӣ борро ба 7-ум ошёна бардошта, бо ишора ва роҳбарии ҷабрдида Каримов Илёсҷон онро дар фарши ошёнаи 7-ум мефароранд. Аз суханони Очилдиев Ботир – хиштчини ҶДММ «Фариза» бармеояд, кӣ ӯ бо ҳамроҳии ҷабрдида Каримов Илёсҷон як қисмати хиштҳоро бо дастонашон холӣ мекарданд, барои зудтар иҷро кардани корҳо, аз як тарафи қуттии хиштборкунӣ (бадья) занҷирҳоро озод карда, Каримов Илёсҷон ба идоракунандаи кран ишора мекардааст, ки кранро бардорад, ҳамин тавр қисмати боқимондаи хиштҳо ба болои фарш зудтар холӣ мешуд, яъне боқимонда хиштҳо мерехтанд.

Баъдан Очилдиев Ботир ва Каримов Илёсҷон занҷирҳоро баргашта ба қуттии хиштборкунӣ васл карда ба кранчӣ Бобизода Акмал Камол, Каримов Илёсҷон ишора кардааст, ки қуттиро ба поён фарорад. Ин амалро якчанд маротиба такрор карданд. Тақрибан соати 12 $^{\underline{20}}$ дақиқа Ҳамроев Аҳрор ва Шукуров Аҳлиддин хиштҳоро ба қуттии хиштборкунӣ бор карда, барои хӯроки нисфирӯзӣ мераванд, кранчӣ қуттии пур аз хиштро ба болои фарши ошёнаи 7-ум мебардорад, Каримов Илёсҷон ва Очилдиев Ботир як қисмати хиштҳоро холӣ карда, Очилдиев Ботир ба ҷабрдида Каримов Илёсҷон мегӯяд, ки барои хӯроки нисфирӯзӣ ба поён фароем, Каримов Илёсҷон, ки дар назди тирезаи 7-ум ошёна қарор дошт, гуфтааст: “ту рафтан гир ман дертар меоям”.

Тақрибан соати 12-$^{\underline{30}}$ ҳангоми истеъмоли хӯроки нисфирӯзӣ овози баланд баромада, аз қисмати поёни бино чангу хок бармехезад. Ҳамроев Аҳрор, Шукуров Аҳлиддин ва Очилдиев Ботир, ки дар ошёнаи 2-ум қарор доштанд, аз тиреза мебинанд, ки дар замин як шахс

хобидаасту дар болояш як миқдор хиштҳо қарор дорад. Сипас онҳо фаромада мебинанд, ки Каримов Илёсҷон аз ошёнаи 7-ум афтида беҳуш хобида будааст. Баъдан кранчӣ Бобизода Акмал Камол ба таъминотчии ҶДММ «Фариза» Бобиев Хуршед Камолович занг зада хабар медиҳад, ки як нафар аз 7-ум ошёна афтида аз аҳволаш, ки фавтидааст. Ин ҳолатро Бобиев Хуршед Камолович ба роҳбари ширкати ҶДММ «Фариза» Хайрулоев Фаррух Бободавлатович тариқи телефони мобилӣ хабар медиҳад, Хайрулоев Фаррух Бободавлатович мегӯяд, ки ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ занг зада хабар диҳанд. Баъдан кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ омада бо ҳодиса шинос шуда, ба ёрии таъҷилӣ хабар медиҳанд, кормандони ёрии таъҷилии шаҳри Турсунзода омада ҳолати марги Каримов Илёсҷонро муайян ва тасдиқ карда ба майитхона мебаранд.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуши марговар:**

**- сабаҳои техникӣ: -** дида намешавад

**-сабабҳои ташкилӣ:**

- ҷобаҷогузории борҳо тариқи сурохии тирезаҳо ва пешайвонҳо бе майдончаҳои махсуси қабулкунӣ ё таҷҳизоти махсус;
- нагузаштани кранчӣ аз санҷиши савияи дониш дар назди комиссияи доимоамалкунандаи Хадамот;
- аз ҷониби шахси масъул таъмин накардани сигналдеҳ барои иҷрои бехатаронаи корҳо бо кран;
- ба таври дахлдор нагузаронидани дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарии кормандон.

Аз рӯи маълумономаи пешниҳоднамудаи Ҷамъият маълум гардид, ки дастури техникаи бехатари дар қоғазҳо ташкил гардидааст. Китоби дастурдиҳи ташкил карда нашудааст.

**2. Ҳодисаи нохуши ҳолати гуруҳии марговар ва ҷароҳатбардорӣ санаи 22 январи соли 2024 тахминан соати 3$^{\underline{30}}$ дақиқа дар қитъаи зеризаминии КФ «Шахтаи Фон Яғноб» дар уфуқи 2813 метр бо нақбканони ҶДММ «Тит Антен» шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Хитой Хун Хуйчжу соли таваллудаш 1982 ва Чжу Сзямао соли таваллудаш 1977 рух додааст.**

Маълумот дар бораи шахси фавтида

Хун Хуйчжу санаи таваллудаш 04.04.1982, нақбкан.

- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур: аз 12.01.2024.

Вазъи оилавӣ: оиладор соҳиби 1 фарзанд.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш**

Аз баёноти нақбкан Чжу Сзямао бармеояд, ки санаи 22 январи соли 2024 дар басти сеюм соати 00$^{\underline{00}}$ дақиқа бо ҳамроҳии нақбкан - Хун Хуйчжу супориши кориро аз сардори қитъа Хуан Сзячун оиди гузаронидани корҳои пармагарӣ дар нақби моили ангиштфарорӣ ба штреки интиқолии ангишт дар уфуқи 2813 метр мегиранд. Нақбканон Чжу Сзямао ва Хун Хуйчжу баъди гирифтани супориши корӣ дар даромадгоҳи нақби зеризаминӣ дар китоби қайди даромаду баромади нақб имзо гузошта, ба ҷои корӣ мераванд. Онҳо барои баромадан аз нақби интиқолии ангишт ба нақби ангиштфарорӣ ва парма намудан то соати 3$^{\underline{30}}$ дақиқа зинапояҳои оҳанинро дар нақби ангиштфарорӣ таъмир мекунанд.

Баъдан Сжу Сзямао асбоби пармагариро гирифта ба нақби ангиштфарорӣ барои парма намудан бо зинапояи сохташуда ба боло баромадан мегирад ва Хун Хуйчжу аз қафои Сжу Сзямао баромадан мегирад. Ҳангоми баромадан дар нақби моили ангиштфарорӣ пои Хун Хуйчжу мелағжад ва аз пойи Сжу Сзямао ба поён

мекашад. Дар натиҷа ҳардуяшон аз нақби ангиштфарорӣ ба штреки интиқолии ангишт афтиданд. Сжу Сзямао чароҳат бардошта, тақрибан 20 метр рафта тугмаи бонги хатари телефони шахтавиро пахш намуда ёрдам мепурсад. Тахминан соатҳои 4 $^{\underline{30}}$ дақиқа аз ин ҳолат Ман Хи Гуин Минг – навбатдори қитъа дар даромадгоҳи нақб аз садои бонги хатар ва кумакпурсӣ хабардор шуда, ба хобгоҳ рафта ба сардори қитъа Хуан Сзячун хабар медиҳад. Тибқи баёнотҳои Хуан Сзячун, Ман Хи Гуин Минг ва Ваей Гей Йен онҳо якҷоя дарҳол ба нақб даромада, аввал Сжу Сзямо ҷароҳатбардошта дидаанд ва бо хоҳиши ӯ аввал Хун Хуйчжуро аз назар гузаронида нафаси сунъӣ медиҳанд, аммо мебинанд, ки Хун Хуйчжу нафас накашида истодааст ва ба ҳалокат расидааст. Сипас якҷоя Сжу Сзямаоро, ки ҷароҳат бардошта буд ба берун мебароранд ва ба нақлиёти сабукрави тамғаи Тоёта Хайлукс рақами қайди давлатияш 102 ZX 01 савор намуда ба беморхонаи шаҳри Душанбе оварда бистарӣ менамоянд. Ҷасади беҷони Хун Хуйчжуро бо мошини сабукрави тамғаи Муссо рақами қайди давлатиаш 6441 AC 02 ба сардхонаи шаҳри Душанбе барои ташхис намудан оварда супориданд.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш:**

-риоя накардани талаботҳои шиносномаи мустаҳкамкунии нақби ангишфаро тибқи лоиҳаи коркарди кон;

- тибқи талаботи шиносномаи корҳои мустаққамкунӣ бехатар муҷаҳҳаз накардани зинапояҳои оҳанин дар нақби ангиштфаро, ки сабаби афтидани ҷабрдидаҳо шудааст;

-риоя нашудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ аз тарафи ҷабрдидагон;

-назорати суст аз тарафи муҳандисони техникии фармоишгар ва пудратчӣ.

**3. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 31 январи соли 2024 тақрибан соати 08 [10] дақиқа ҳангоми ҳаракат ба қитъаи корӣ дар сатҳи 1322,14 метри ПК1+46,80 портали бароmадгоҳи нақбҳои обпартои болоии (OVS) бо коргари қитъаи бетонкории раёсати сохтмони истеҳсолии ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» дар шаҳри Роғун Саидомилов Фахридин Давлатхоҷаевич, соли таваллудаш 1992 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи шахси ҷабрдида:**

Саидомилов Фахридин Давлатхоҷаевич, санаи таваллудаш 1 сентябри 1992, истиқоматкунандаи вилояти Хатлон, ноҳияи Ховалинг, ҷамоати деҳоти Ҷомбахт, деҳаи Гулзор.

Тибқи фармони ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» №364-к аз 13. 04 соли 2020 ба ҳайси коргари қитъаи бетонкории раёсати сохтмони – истеҳсолӣ дар шаҳри Роғун ба кор қабул гардидааст.

Собиқаи умумии корӣ 6 (шаш) солу 1 (як) моҳу 15 (понздаҳ) рӯз.

Дар ташкилоти мазкур 3 (се) солу 9 (нуҳ) моҳу 20 (бист) рӯз.

Вазъи оилавӣ – оиладор, соҳиби 2 фарзанд, аз ҷумла:

Хамсараш – Рустамова Таманно, соли таваллудаш 1998;

Писараш – Давлатхоҷазода Алиҷон, соли таваллудаш 2017;

Духтараш – Давлатхоҷазода Гулистон, соли таваллудаш 2019.

**Маълумот оиди гузаронидани дастурдиҳӣ оиди риояи техникаи бехатарӣ ба ҷабрдида:**

- дастурдиҳии муқаддимавӣ - санаи 15.12.2017;
- дастурдиҳии такрорӣ – 17. 01.2024;
- дастурдиҳӣ дар ҷойи корӣ – 28. 03.2017.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш**

Санаи 31 январи соли 2024 тақрибан соати 07-[00] дақиқа коргарони ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» Алиев Л., Нуров Ҳ., Саъдиев М., Саидомилов Ф. ва

Кенҷаев Ё. ба қитъаи кории портали баромадгоҳи нақбҳои обпартои болоии (OVS) ба сақви №11 ба сатҳи 1274 метр ба утоқи муваққатии коргарон ҳозир шудаанд. Баъдан ба онҳо аз тарафи устои қитъаи ҷамъият Саидов А. дастурдиҳӣ оиди риояи техникаи бехатарӣ гузаронида шуда, онҳо дар дафтари супоришҳои басти корӣ имзо гузоштаанд. Баъдан устои қитъа Саидов А. ба онҳо супориши корӣ оиди насб намудани пластинкаҳо дар анкерҳои васлшуда дар сақви №6 ба сатҳи 1322 метр додааст. Тақрибан соати $7^{40}$ дақиқа бо мақсади иҷрои супориши кории додашуда онҳо аз сатҳи 1274 метр тариқи зинаҳои оҳанини байни сақвҳо васлшуда ба сатҳи 1322 метр ҳаракат намуданд. Ҳангоми ҳаракат ба самти қитъаи корӣ аз самти пеш аввал устои қитъа ва дар масофаи тақрибан 40-50 метр коргарон Алиев Л., Нуров Ҳ., Саъдиев М., Саидомилов Ф. ва Кенҷаев Ё. ҳаракат намуданд. Тақрибан соати $8^{10}$ дақиқа аз зинаи оҳанини байни сақвҳои №7 ва №6 васлшуда ба сатҳи 1322 метр баромада, ҳангоми дар ПК1+10 – ПК1+40 ҳаракат намуданашон, Саидомилов Ф. аз тарафи рост аз самти нишебӣ аз ҷойи хатарнок ҳаракат менамудааст. Азбаски дар ин ҳолат боридани барф ба чашм мерасидааст, роҳи сақв пур аз барфу лой будааст. Дар ин ҳолат ногаҳон ба гӯши коргарон овози «ай» расидааст ва онҳо ба тарафи баромадаи овоз нигаристаанд, ки Саидомилов Ф. аз нишебии сақви №6 ба самти поён ба сақви №7 афтида истода будааст. Баъдан коргарон ба ҷойи афтидаи Саидомилов Ф. давида рафтанд. Ҳангоми ба назди ҷабрдида расиданашон дидаанд, ки Саидомилов Ф. аз баландии 12 метр афтида, тарафи пушташ дар замин, аз бинияш хун ҷорӣ шуда, чашми чапи ӯ ранги кабуд дошта, варам карда, нафаси танг мекашидааст. Коргари Ҷамъият Нуров Ҳ., ки дорои маълумоти тиббӣ будааст, даҳону бинӣ ва қисмати рӯйи ҷабрдидаро аз хун тоза намуда, бинобар сабаби ғайриимкон будани ҳозир шудани автомашинаи ёрии таъҷилии тиббӣ ба ҷойи ҳодиса, дар ковши боркунак курпача партофта ҷабрдидаро савор намуда, ба самти

даромадгоҳи нақби Т-39А расонида, ба автомашинаи ёрии таъҷилии тиббӣ бор намуданд. Ҳангоми ҳаракат ба самти беморхонаи шаҳри Роғун, ҷабрдида дар роҳ аз ҷароҳатҳои ҷисмонии бардоштааш дар дохили автомашинаи ёрии таъҷилии тиббӣ ба ҳалокат расидааст.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш:**

- қитъаи кории портали баромадгоҳи нақбҳои обпартои болоии (OVS) дар сарҳади амали ҳамешагии омилҳои хавфнок тавораҳои ҳимоякунанда гузошта нашудааст ва дар ҳудудҳои қитъаҳои пайдошавии омилҳои хавфнок воситаҳои огоҳикунанда гузошта нашудааст;
- дар қитъаи портали баромадгоҳи нақбҳои обпартои болоӣ (OVS) НБО «Роғун» нақшаи ҳаракати нақлиётҳо ва нақшаи ҳаракати асосии кормандон тартиб дода нашудааст;
- беаҳамиятии коргар Саидомилов Фахридин Давлатхоҷаевич ҳангоми ҳаракат ба қитъаи корӣ.

**4. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 8 феврали соли 2024 тахминан соати 13$^{\underline{00}}$ дақиқа дар минтақаи сохтмони корхонаи истихроҷи регу шағали ҶДММ «Розияи Сангрез» бо корманди Шабакаҳои барқии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Ашурмуротов Насим , соли таваллудаш 1977 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида:**

Ашурмуротов Насимҷон Бободавлатович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли тавваллудаш 30 июни соли 1977, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Муҳаммадиева, бинои 16, хонаи 17.

Вазъи оилавӣ-оиладор соҳиби 3 фарзанд:

-ҳамсараш – Астанова Мутабархон, санаи таваллуд 28.08.1978;

-писараш Ашурмуротов Афзалҷон Насимович, санаи таваллуд 09.05.2001.

-писараш Ашурмуротов Акмалҷон, санаи таваллуд 17.03.2005.

-писараш Ашурморотов Асламҷон, санаи таваллуд 23.02.2015.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш**

Аз баёнотҳои шоҳидон бармеояд, ки санаи 8 феврали соли 2024 корманди ҶДММ «Розияи Сангрез» Раҳимов Муқим Нурмаҳмадович - механизатор (экскаваторчӣ), тақрибан аз соати $09^{20}$ ба корҳои сохтмонии корхонаи истихроҷи регу шағал машғул будааст. Директори ҷамъият Сангонов Кароматулло Искандарович тақрибан соати $12^{00}$ ба корманди шабакаҳои барқии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Ашурмуротов Насим занг зада гуфтааст, ки дар минтақаи кории сохтмони корхонаи истихроҷи регу шағал воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, маҳаллаи Деҳқонобод №1 лозим аст, ки ҷиҳати аз як ҷой ба дигар ҷой васл намудани симчуб маслиҳат диҳад. Баъдан Сангонов Кароматулло Искандарович бо Ашурмуротов Насим вохурда, якҷоя бо автомашинаи сабукрави Сангонов Кароматулло Искандарович тамғаи TAYOTA HAYLUX р/д 0008 CV 01, ба минтақаи корӣ равон шуданд, Тақрибан соатҳои $12^{30}$ ба ҷои корӣ расида, ба назди симчуб рафтанд, маслиҳат кардаанд, ки симчубро аз як минтақа ба дигар минтақа тақрибан ба масофаи 25 метр гузаронидан лозим аст. Ашурмуротов Насим гуфтааст, ки ҳозир ба кор шуруъ менамояд, Сангонов Кароматулло Искандарович аз ӯ пурсидааст, ки бе лавозимотҳои корӣ яъне (когти) қапакҳои махсус барои ба болои симчуб баромадан, чи тавр ба кор шуруъ менамояд, Ашурмуротов Насим дар ҷавоб гуфтааст, ки автокран фармоиш диҳед ва ман бо ёрии автокран ба боло баромада ноқилҳоро ҷудо менамоям. Баъдан Сангонов Кароматулло Искандарович бо мақсади ташкил намудани автокран ба занг задан ва кофтукоб шуруъ намудааст. Дар ҳамин ҳолат Ашурмуротов Насим экскаваторро дида ба Сангонов Кароматулло

Искандарович гуфтааст, ки экскаваторчиро гап занад, ки бо ёрии ковши экскаватор барои ҷудо намудани ноқилҳо ӯро ба баланди бардорад, Сангонов Кароматулло Искандарович экскаваторчӣ Раҳимов Муқим Нурмаҳмадовичро фарёд кардааст, Ашурмуротов Насим экскаваторчиро хоҳиш кардааст, кӣ ӯро бо ёрии ковши экскаватор ба баланди бардорад. Сипас худ либосҳои кориашро пӯшидаст. Раҳимов Муқим Нурмаҳмадович дар навбати худ розӣ шуда Ашурмуротов Насимро, ки ба болои ковши экскаватори мазкур баромада, рост истода будааст ва тақрибан ба баландии 3,5-4 метр бардоштааст. Сангонов Кароматулло Искандарович аз ӯ пурсидааст ки ту чи кор карда истодаӣ? Ҷабрдида аз киссааш амбур бароварда нишон дода гуфтааст, ки симҳоро ҷудо менамоям, баъди ба боло баромадан ногаҳон аз болои ковш Ашурмуротов Насим ба замин меафтад. Сангонов Кароматулло Искандарович бо ҳамроҳии Раҳимов Муқим Нурмаҳмадович ба назди ӯ рафта мебинанд, ки дасти чапааш шикастааст. Ҷабрдидаро ба автомашинаи сабукрави тамғаи TAYOTA HAYLUX р/д 0008 CV 01 савор карда ба беморхонаи Қарияи Болои шаҳри Душаебе мебарад, дар роҳ Ашурмуротов Насим гуфтааст, ки тамоми узви баданам дард карда истодааст. Пас аз ташхис, духтурон хулоса мебароранд, ки қисмати гардани ҷабрдида осеби вазнин бардоштааст ва ӯро ҷарроҳи кардан лозим аст. Ҳамин тавр пас аз ҷарроҳӣ Ашурмуротов Насим худро хуб ҳис мекардааст, вале санаи 11 феврали соли 2024 тақрибан соати $11^{30}$ дақиқа ба Сангонов Кароматулло Искандарович аз беморхона занг зада мегӯянд, ки саломатии ҷабрдида бад шуда истодааст ва фишораш нисбатан паст шудааст. Сангонов Кароматулло Искандарович зуд ба беморхона меравад ва боз аз табибон мефаҳмад, ки ҳолаш дар ҳақақат бад шудааст, тақрибан соати $13^{\underline{00}}$ дақиқаи ҳамон

рӯз табибон хабари фавти Ашурмуротов ӯро расониданд.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш:**

- риоя накардани техникаи бехатарӣ, ҳангоми истифодаи экскаватор, инчунин ғайримақсаднок ва нодуруст истифода бурдани он;

-иҷро намудани корҳо оид ба таъмири дастгоҳҳои барқӣ (таҷҳизотҳои барқӣ, шабакаҳои таъмини барқ) бе риояи талаботҳои меъёрҳои амалкунанда оид ба истифодаи бехатаронаи дастгоҳҳои барқӣ.

**5. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 21 феврали соли 2024 тақрибан соати $14^{25}$ дақиқа дар натиҷаи афтидан аз ковши боркунаки тамғаи «Люгонг» бо рақами қайди давлатӣ PA 09-04 PT 01 дар қитъаи кории нақби TSA -3 бо пармагари ҶДММ «Фарроб» Зоидов Содиқшо Акбаршоевич, соли таваллудаш 1969 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи шахси фавтида:**

Зоидов Содиқшо Акбаршоевич, санаи таваллудаш 13 июни 1969, зодаи ноҳияи Шуғнони ВМКБ, истиқоматкунандаи шаҳри Роғун, кӯчаи Ҷавонон, хонаи №7, ҳуҷраи №63.

Тибқи фармоиши ҶДММ «Фарроб» таҳти №31 аз 05.08.2015 Зоидов Содиқшо Акбаршоевич, ба ҳайси ёрдамчии пармагар қабул гардидааст. Тибқи фармоиши ҷаъмияти мазкур таҳти №8 аз 07.01.2019 ба ҳайси пармагар ба кор қабул гардидааст.

Собиқаи умумии корӣ 37 (сиву ҳафт) солу 5 (панҷ) моҳу 11 (ёздаҳ) рӯз.

Дар ташкилоти мазкур 8 (ҳашт) солу 6 (шаш) моҳу 16 (шонздаҳ) рӯз.

Вазъи оилавӣ – оиладор, соҳиби 2 фарзанд:

Ҳамсар – Ғуломшоева Гулсара Саидшоевна, соли таваллудаш 1974;

Писараш – Зоидов Руслан Содиқшоевич, соли таваллудаш 2001;

Писараш – Зоидов Собир Содиқшоевич, соли таваллудаш 2003.

**Маълумот оиди гузаронидани дастурдиҳӣ оиди риояи техникаи бехатарӣ ба ҷабрдида:**

- дастурдиҳии муқаддимавӣ - санаи 05.08.2015;
- дастурдиҳии дар ҷойи корӣ – 05.08.2015;
- дастурдиҳии навбатӣ – 16.01.2024;
- дастурдиҳии ғайринавбатӣ – санаи 17.02.2024.

**Ҳолати ҳодисаи нохуш**

Санаи 21 феврали соли 2024 тақрибан соати $07^{00}$ дақиқа тавассути автомашинаи навбатдори тамғаи Камаз бо рақами қайди давлатӣ 965 ХА 08 таҳти идораи ронанда Сафаров Х., коргарон Боев Ф., Зоидов С., Салимов Ф., Азизов Ф., Ҷалолов У., Ғафуров С., Абдуллоев Х., Мирзоев С., ва Давлаҳмадов О., ба қитъаи кории нақби TSA -3 ба утоқи муваққатии коргарон ҳозир шудаанд. Баъдан ба коргарон устои қитъаи ҷамъият Қурбонов Ҳ, дастурдиҳӣ оиди риояи техникаи бехатарӣ гузаронида, дар дафтари супоришҳои басти корӣ имзо намуданд. Тибқи супориши корӣ коргарон бо корҳои парма намудани пармачоҳҳо ва сементатсияи пуркунандаи пармачоҳҳо машғул шуда, соати $12\text{-}^{00}$ дақиқа барои истеъмоли хӯроки нисфирӯзӣ баромадаанд. Тақрибан $13\text{-}^{00}$ дақиқа танаффуси нисфирӯзиро ба анҷом расонида, ба қитъаи корӣ барои идомаи корҳо ҳозир шудаанд. Баъдан аз тарафи устои қитъаи Қурбонов Ҳ., коргарон Салимов Ф., Ҷалолов У., Ғафуров С., ва Мирзоев С., барои тайёр намудани маҳлули сементӣ дар назди таҷҳизоти сементатсионӣ таъин шуда, коргарон ва ронандаи боркунак Азизов А., Зоидов С., Боев Ф, ва Вайсиддинов Ф. Қ.-ро бошад устои қитъа барои кушода гирифтани тампонҳои дренажӣ аз фарш ва сақви нақби TSA -3 дар ПК 1+54,45 супориши корӣ додааст. Баъдан онҳо бо кушода гирифтани тампонҳои дренажӣ машғул шуда, тақрибан соати $14\text{-}^{00}$ дақиқа устои қитъаи Қурбонов Ҳ., ба онҳо

барои кушода гирифтани тампони дренажии пармачоҳи №5 дар қисмати сақви нақб супориш додааст. Баъдан устои қитъа Қурбонов Ҳ., ба идоракунандаи боркунак Азизов Ф., супориш додааст, ки коргарон Боев Ф., Зоидов С., ва Вайсиддинов Ф. Қ.-ро ба ковши боркунак савор намуда, ба сақви нақб ба баландии тақрибан 3 метр баланди бардорад. Баъдан Азизов Ф., барои кушода гирифтани тампони дренажии пармачоҳи №5, ки дар қисмати сақви нақб ҷойгир буд, тавассути механизми боркунаки тамғаи Люгонг Боев Ф., Зоидов С., ва Вайсиддинов Ф.,-ро ба ковши боркунаки тамғаи Люгонг савор намуда, дар якҷоягӣ онҳоро ба самти боло тарқибан 3 метр бардоштааст. Онҳо бо мақсади канда гирифтани тампони дренажии пармачоҳи №5 як тарафи симтанобро ба қисмати ниҳоии тампон баста тарафи дигарии тампонро ба ковши боркунак бастаанд. Тақрибан соати 14-[20] дақиқа ҳангоми канда гирифтани тампон ногаҳон Зоидов С. А., аз дохили ковши боркунанак аз баландии тақрибан 3 метр афтида аз ҷароҳатҳои бардошта ба ҳалокат расидааст.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш:**

- иҷро намудани корҳои пармагарӣ дар баландӣ аз тарафи коргарон Боев Ф. Зоидов С. ва Вайсиддинов Ф. бе истифода аз камарбанди ҳимоявӣ;
- мувофиқи таъиноти худ истифода накардани боркунаки тамғаи «Люгонг» ба ҷойи механизмҳои болобардор ва воситаи норбондҳо (эстакада);
- беаҳамиятии пармагар Зоидов Содиқшо Акбаршоевич. ҳангоми иҷрои кор дар баландӣ;
- аз ҷониби роҳбарияти ҷамъият барои иҷрои корҳо дар баландӣ таъмин нагардидани зинаҳои оҳанин (эстакада) дар қитъаи корӣ
- ҳангоми иҷроиши корҳои хатарнокияш баланд дар ҷои корӣ ҳузур надоштани сардори қитъа ё устои қитъа;

- аз тарафи идоракунандаи боркунак Азизов Ф., мувофиқи таъинот истифода накардани боркунаки тамғаи «Люгонг».

**6. Ҳодисаи нохуши ҳолати ҷароҳатбардорӣ санаи 23 феврали соли 2024 тахминан соати 16$^{\underline{40}}$ дақиқа ҳангоми иҷрои корҳои зеризаминӣ дар нақби кони «Морон»-и ҶМТКММ «Апрелевка» бо ёрдамчии нақбкан Қобилов Ҳаётулло санаи таваллудаш 27. 04. 1998 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида**

Қобилов Ҳаётулло Қудратович- соли таваллудаш 27.04.1998 – ёрдамчии нақбкан;
- собиқаи кори умумӣ– 3 моҳу 10 руз ;
- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур – 3 моҳу 10 рӯз;
- дастури мукаддимавӣ: 11.12.2023;
- дастури навбатӣ: 15.12.2023;
- дастур дар чои кори (супориши корӣ) – 23.02.2024.

**Ҳолати ҳодисаи нохуш**

Аз баёноти шоҳидон Сапаров Музафар ёрдамчии нақбкан ва Улмасов Фаррух нақбкан бармеояд, ки санаи 23 феврали соли 2024 баъди хурдани хӯроки нисфирӯзӣ тақрибан соати 13$^{\underline{00}}$ дақиқа аз Шарифзода Маликбаҳром устои кӯҳӣ кони «Морон» супориши корӣ ва дастур оид ба техникаи бехатарӣ гирифта, дар дафтари қайди супориши кории ҳаррӯза оиди парма намудани нақби №2 блоки 13 уфуқи 836,6 метр имзо мегузоранд. Улмасов Ф ва Сапаров М. баъди гирифтани супориши корӣ ба ҷои корӣ мераванд. Тақрибан 30 дақиқа пас Қобилов Ҳаётулло ёрдамчии нақбкан аз Шарифзода Маликбаҳром супориши корӣ гирифта барои кӯмак расонидан ба Улмасов Ф. ва Сапаров М. меояд. Дар ин ҳолат мебинад, ки рудаи (шланг) обгузар канда шудааст. Улмасов Ф бо ҳамроҳии Сапаров М. рудаи (шланг) обгузарро пайваст карда истода буданд, ки дар ҳамин вақт Қобилов Ҳ ба назди онҳо омадааст. Сипас Улмасов Ф, Сапаров М-ро барои кушодани ҳаво мефиристонад

ва бо ҳамроҳии Қобилов Ҳ. барои парма намудан дастгоҳи пармагариро омода намуда, ба парма намудан шуруъ мекунанд. Онҳо 21-адад равнақ парма мекунанд. Тақрибан соати 16 $^{\underline{30}}$ дақиқа Улмасов Ф. ба парма намудани равнақи 22- юм шурӯъ мекунад. Қобилов Ҳ. бошад бурро бо дасташ қапида каме парма мекунад. Улмасов Ф. ба Қобилов Ҳ. бо чароғаки рушноидиҳанда ишора мекунад, ки бурро сар диҳад. Аммо Қобилов Ҳ бо дасташ ишора карда мегуяд, ки парма намуданро боз камтари дигар идома диҳад. Дар ҳамин вакт Улмасов Ф парма намуданро идома медиҳад, ки аз шифти нақб 1-адад санговезаи калон ба болои сари Қобилов Ҳ. меафтад. Қобилов Ҳ. ба замин афтида, санг аввал ба болои бур ва баъд ба девори нақб бархурда ғелида ба миёни Қобилов Ҳ. мезанад.

**Сабабҳои рух додани ҳодисаи нохуш:**

- аз шифти нақб ногаҳон афтидани санговеза, ки дар натиҷа Қобилов Ҳаётулло Қудратович – ёрдамчии нақбкан ҷароҳати ҷисмонӣ мебардорад;
- ба таври дахлдор тоза накардани санговезаҳо пеш аз оғози кор, ҳамчунин назорати сусти шахсони масъули минтақаи кони «Морон»;
- таъмин накардани устои кӯҳӣ барои назорати корҳои нақбканӣ ва ҳолати бехатарии кон дар басти рӯзона.

**7. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 27 феврали соли 2024, тахминан соати 4$^{\underline{40}}$ дақиқа дар нақби №8, назди чоҳи маъданхоликунии кони маъдани «Анзоб» бо коргари маъданкаши минтақаи №1-и ҶДММ ТА КМ «Анзоб» Ҳоҷибоқиев Сулаймон Ҷураевич, соли таваллудаш 1977 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида:**

Ҳоҷибоқиев Сулаймон Ҷураевич – санаи таваллудаш 05.11.1977, коргари маъданкаши минтақаи №1-и кони маъдани ҶДММ ТА КМ «Анзоб»;

- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур: як солу 3 моҳ, аз 22.11.2022.

- дастурдиҳии муқаддимавӣ: 21.11.2022.

- дастурдиҳии аввалия: 21.11.2022.

- дастурдиҳӣ дар ҷои кории навбатӣ: 19.12.2023.

Вазъи оилавӣ: оиладор соҳиби 4 фарзанд:

-ҳамсараш-Пирова Шамсимо, соли таваллудаш 1979;

-писараш-Ҳоҷибоқиев Фозил, соли таваллудаш 2004;

-писараш-Ҳоҷибоқиев Фариддун, соли таваллудаш 2007;

-духтараш-Ҳоҷибоқизода Назокат, соли таввалудаш 2010;

-духтараш-Ҳоҷибоқиева Садоқат, соли таваллудаш 2013.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш:**

Санаи 27.02.2024 Ҳоҷибоқиев Сулаймон соати 18 $\underline{^{20}}$ дақиқа бо ҳамроҳии бригадаи маъданкашони минтақаи №1 аз сардори минтақа Раҳимов Искандар супориши корӣ оиди кашонидани маъдан дар уфуқи 2075 метри нақби №8 гирифтааст. Баъд аз гирифтани супориши корӣ бо ҳамроҳии коргарони баст, тахминан соати 19 $\underline{^{35}}$ дақиқа ба ҷои корӣ ҳозир шуда бо ҳамроҳии идоракунандаи мошини барқии зеризаминӣ Расулов Абдуқодир барои истихроҷи маъдан ба кор шуруъ кардаанд. Дар рафти кор тақрибан соати 04 $\underline{^{25}}$ дақиқа ҳангоми бозгашт дар наздикии ҷоҳи маъданхоликунии №2, нақби 8 қарор доштааст. Идоракунандаи мошини боркаши барқӣ Расулов Абдуқодир қатораро ба ҳаракат даровварда ба самти равиши он назорат мебурдаст, ки ногаҳон ҳангоми ҳаракати қатораҳо бе огоҳӣ аз Расулов Абдуқодир, Ҳоҷибоқиев Сулаймон аз назди девори чоҳи маъданхоликунии №2 хостааст, ки худро ба дохили кабинаи мошини боркаши барқӣ, яъне ҷои нишасти худ шинад. Аммо Ҳоҷибоқиев Сулаймон, ки худро пурра ба дохили кабина гирифтан дар наёфта буд, ӯро мошини барқии боркаши дар ҳаракат буда ба девори бетонии

назди чоҳи маъданхоликунии №2 пахш кардааст. Дар ҳамин ҳолат, садои баланди Ҳоҷибоқиев Сулаймонро шунида, Расулов Абдуқодир мошини боркаши барқиро боз медорад ва мебинад, ки Ҳоҷибоқиев Сулаймон дар байни кабинаи мошини барқӣ ва деворчаи бетонӣ зер мондааст. Расулов Абдуқодир мошинаи барқиро зуд ба пеш ронда, Ҳоҷибоқиев Сулаймонро бардошта ба ҷои бехатар мегузорад. Сипас Расулов Абдуқодир барои кӯмак расонидан ва хабар додан зуд ба назди коргарони нақб меравад ва дар роҳрави назди зеристгоҳи барқии зеризаминии нақби №8, бо устои кӯҳӣ воҳӯрда оиди ҳодиса хабар медиҳад. Устои кӯҳӣ ба танзимгари кӯҳии минтақаи саноатӣ оиди рух додани ҳодиса хабар дода, бо ҳамроҳии устои кӯҳӣ ба ҷои ҳодиса меоянд. Устои кӯҳӣ бо ҳамроҳии коргарон Ҳоҷибоқиев Сулаймонро ба замбари махсуси тиббии нақб гузошта ба самти беруни нақб баровsecurit ва дар роҳ духтури навбатдори бунгоҳи тиббӣ Дустов Некрӯз ва сардори кони маъдан Абдуллоев А. вохурданд. Духтури навбатдор ҳолати ҷабрдидаро аз назар гузаронида муайян мекунад, ки Ҳоҷибоқиев Сулаймон фавтидааст.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш**

1. Беэҳтиётии ҷабрдида ҳангоми ҳаракат кардани мошинаи боркаши барқӣ.

2. Ҳангоми ҳаракати қатора ба дохили кабинаи мошинаи боркаши барқӣ нишастан.

3. Корношоям будани сигнали садо (огоҳкунанда) ҳангоми пеш аз ҳаракати мошинаи боркаши барқӣ.

**8. Ҳодисаи нохуши ҳолати ҷароҳатбардорӣ санаи 20 марти соли 2024 тахминан соати 10 $^{\underline{00}}$ дақиқа дар басти якуми ҳавзаи УПР кони зеризаминии №8, тамоили 11, уфуқи 1056 метри ҶСК «Ангишт» бо коргари зеризаминӣ Раҳмонов Фаррух Маҳмадалиевич, соли таваллудаш 1992 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида.**

Раҳмонов Фарух Маҳмадалиевич санаи таваллудаш 02.05.1992, коргари зеризаминӣ.

- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур: аз 02.02.2022;
- дастури муқаддимавӣ: - 23.08.2023;
- оиди омӯзиши ибтидоии корҳои бехатарӣ: аз санаи 23 то 25.08.2023.

**Ҳолати ҳодисаи нохуши ҷароҳатбардорӣ**

Аз баёноти коргари зеризаминӣ Тағоев Саидаҳмад бармеояд, ки санаи 20 марти соли 2024, барои гирифтани супориши корӣ ба қитъаи УПР, кони №8 ба нишебии 11 омада, аз сардори ҳавза Султонов Ҷамолиддин супориши кориро бо ҳамроҳии коргарони зеризаминӣ Раҳмонов Б, Зокиров О, Азимов К, Исмоилов И, Абдушукурзода М, Раҳмонов Ф., мегиранд. Баъдан пас аз гирифтани супориши корӣ коргарони дар боло зикргардида ба нақби зеризаминӣ даромада, ба минтақаҳои кории худ рафта машғули кор мешаванд. Дар давоми вақти корӣ тахминан соати 10 $^{\underline{00}}$ дақиқа Тағоев С. бо ҳамроҳии Раҳмонов Ф. барои гузоштани ғулачӯби мустаҳкамкунӣ сӯрохӣ мекофтаанд, ки ногаҳон аз шифти нақб ҷинси куҳӣ афтода ба тахтапушти Раҳмонов Фарух мезанад ва номбурда аз пой меафтад. Дар ин ҳолат Раҳмонов Фарух аз Тағоев Саидаҳмад хоҳиш мекунад, ки бародараш Раҳмонов Б.-ро зуд фарёд кунад, ки ӯро аз дохили нақб берун барад. Тағоев С. зуд рафта бародари Раҳмонов Фарухро фарёд карда мегуяд, ки бародарат ҷароҳат бардоштааст. Сипас Тағоев С. бо ҳамроҳии Раҳмонов Б ва Абдушукурзода М. зуд ба ҷойи ҳодиса ҳозир шуда, Раҳмонов Фарухро ба қуттии ангиштбарор гузошта, аз нақби зеризаминӣ берун бароварда ба автомашинаи тамғаи Портер хобонида то туннели минтақаи №8 меоранд. Раҳмонов Фарухро аз Портер фаровaрда ҳамроҳи коргарон

Исмоилов И., Абдушукурзода М., Раҳмонов Б., Зокиров О. ва Азамов К. то бунгоҳи тиббӣ дастӣ бардошта, ба назди духтури навбатдори ҶСК “Ангишт” овардаан ва ба ӯ ёрии аввалияи тиббӣ расонида, баъдан ба беморхонаи шаҳри Исфара бурда бистарӣ намуданд.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш:**

- пеш аз оғози корӣ тоза накардани санговезаҳо дар нақби зеризаминӣ;

- иҷрои корҳои куҳӣ тибқи шиносномаи мустаҳкамкунӣ ба роҳ монда нашудааст;

- беэҳтиётӣ зоҳир намудани ҷабрдида ҳангоми иҷрои корҳои кӯҳӣ.

**9. Ҳодисаи нохуши гуруҳии ҳолати ҷароҳатбардорӣ ва марговар санаи 29 марти соли 2024 тақрибан соати 8 $\underline{45}$ дақиқа дар қитъаи зеризаминии №5, кони Равоти ҶСП «Комбинати металлургии тоҷик» бо нақбканони паймонкор ҶДММ «Кӯҳҳои тиллоии Тоҷикистону Хитой» Ден Дайбин, соли таваллудаш 1971 ва Пи Гуан, соли таваллудаш 1965 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи шахси фавтида:**

Пи Гуоан - нақбкани ҶДММ «Кӯҳҳои тиллоии Тоҷикистону Хитой».

- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур аз 10 марти соли 2023;

- дастури муқаддимавӣ: 25.11.2023;

- дастурдиҳӣ дар ҷои кор: 16.02.2024.

Вазъи оилавӣ: оиладор, соҳиби 2 фарзанд;

- духтараш – синну соли 36;

- писараш – синну сол 20.

**Ҳолати ҳодисаи нохуш**

Аз баёноти Ден Дайбин-нақбкани кони зеризаминии ҶДММ «Кӯҳҳои тиллоии Тоҷикистону Хитой» бармеояд, ки санаи 29 марти соли 2024 соати тахминан 00 $\underline{00}$ дақиқа аз устои кӯҳӣ Зен Бин супориши корӣ оиди насб намудани конвейер дар нақби зеризаминии №5 мегирад,

баъдан нақбканон Ден Дайбин, Пи Гуоан ва Ян Сутавн аз хобгоҳ баромада пиёда ба нақби зеризаминӣ №5 ба ҷои корӣ рафта машғули кор мешаванд. Онҳо то соати 08 $^{00}$ дақиқа дар дохили нақби зеризаминӣ конвейерро насб намуда, корро ба анҷом расониданд. Ҳангоми баромадан аз нақб нақлиёти сечарха, ки дар даруни нақб қарор доштааст, Пи Гуан ба нақлиёти сечарха нишаста онро ба ҳаракат даровардааст. Ден Дайбин ва Ян Сутавн ба бадяи (кузови) нақлиёти сечарха савор шуда, аз дохили нақб баромада ба тарафи хобгоҳи корхона ҳаракат намуданд. Ҳангоми ҳаракат дар роҳи технологии кон суръати ҳаракати нақлиёти сечарха баланд шуда, ронандаи нақлиёти сечарха – Пи Гуан аз ӯҳдаи рондани нақлиёт набаромада, дар наздикии хобгоҳ ба садама дучор мешаванд. Ян Сутаов ҳангоми баланд будани суръати ҳаракат аз сабати (кузови) нақлиёт ба замин мепарад. Ҳангоми чаппа шудани нақлиёти сечарха Пи Гуан ва Ден Дайбен дар зери нақлиёти сечарха монда, ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ бардоштанд. Ин ҳолатро кормандон дида дарҳол ба ҷои ҳодиса омада, Пин Гуан ва Ден Дайбенро ба нақлиёти сабукрави тамғаи Лексус савор намуда, ба беморхонаи шаҳраки Зарафшон-1 бурда ташхис менамоянд. Дей Дейбинро дар беморхона бистарӣ намуда ва ҷасади беҷони Пи Гуанро аз ташхиси экспертии тиббӣ гузаронида сипас ба сардхонаи шаҳри Душанбе бурданд.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш:**

- истифода набурдани нақлиёти махсус ҳангоми интиқоли кормандон дар минтақаи корӣ;
- бе шаҳодатномаи тахассусӣ рондани нақлиёти сечарха;
- аз ухдаи рондани нақлиёти сечарха набаромадани ронанда Пи Гуоан;
- назорати суст аз тарафи муҳандисони техникии ҷамъият.

**10. Ҳодисаи нохуши ҳолати ҷароҳатбардорӣ санаи 17 марти соли 2024, тахминан соати $19^{\underline{30}}$ дақиқа бо Хоу Ху, соли таваллудаш 1971, сангғалтони (заколщик) кони маъдани «Пакрут»-и ҶДММ «Вен Дзян» рух додааст.**

Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш

Санаи 17 марти соли 2024 тахминан соати $18^{\underline{30}}$ дақиқа Хоу Ху сангғалтон (заколщик) бо ҳамроҳии Ортуқов Илъом, Самадов Илҳом ва Воҳидов Зикриоллоҳ ба автомашинаи сабукрав нишаста, ба минтақаи саноатии ҶДММ «Вен Дзян» рафтаанд. Сипас ӯ ба ошхонаи корхона даромада хӯроки шомро хӯрда, либосҳои махсуси корӣ пӯшида ба утоқи супоришгирӣ ҳозир шудааст. Аз Қосимзода Навруз – устои кӯҳӣ супориши корӣ барои тоза кардани санговезаҳо аз шифти нақб гирифта, бо тариқи нақлиёт ба нақби асосӣ баромаданд ва ба ду самт ҷудо шуданд. Тахминан соати $8^{30}$ дақиқа Хоу Ху бо ҳамроҳии Ортуқов Илъом лавозимотҳои кориро гирифта, ба уфуқи 2282м, орти 302 ба ҷои корӣ мерасанд. Самадов Илҳом ва Воҳидов Зикриоллоҳ мувофиқи нақшаи корӣ бояд синакорҳои минтақаҳои 1950, 1965, 1990 ва 2003 метр тоза менамуданд. Дар рафти кор ногаҳон аз шифти нақб сангрезаҳо канда шуда, ба қисмати қафои ҷойи истодаи Хоу Ху резиши ҷинсҳои кӯҳӣ ба амал омадааст. Ортуқов Илъом дидааст, ки Хоу Ху баъди расиши санги ҳаҷмаш калон ба пойаш ба замин меафтад. Ортуқов Илъом ҷабрдидаро аз санг халос намудааст ва дигар коргаронро барои ёрӣ даъват мекунад. Дар ин ҳолат дар назди орти 302 худборкунак (погрузчик)-и корхона мегузаштааст. Бо ёрии ронандаи худборкунак ҷабрдидаро ба ковши худборкунак савор намуда, ба бунгоҳи тиббии минтақаи саноатии корхона оварданд ва духтури навбатдор Файзов Қурбоналӣ ба ҷабрдида ёрии аввалияи тиббӣ расонида, баъдан ба воситаи нақлиёти ёрии таъҷилии корхона бо ҳамроҳи Ҷабборов

Меҳроншоҳ ба беморхонаи шаҳри Душанбе оварда ӯро бистарӣ намуданд.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш:**

- ҳангоми рух додани ҳодисаи нохуш қитъаи кории дохили нақбҳо (ҷои ҳодиса) бо равшаннокии кофӣ ва ҳавои тозаи кофӣ таъмин карда нашудааст;
- аз ҷониби роҳбарияти ҶДММ «Вен Дзян» ба ҳайси масъули корҳои кӯҳӣ-техникӣ таъин намудани Ҷанг Деху - роҳбари басти шабона ва Сяо Хуай Чжун – муҳандис оид ба техникаи бехатарӣ, ки маълумоти тахассусии соҳавӣ надоранд;
- ба таври дахлдор нагузаронидани дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ ва санҷиши сатҳи дониши кормандони хитойи ҶДММ «Вен Дзян».

**11. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 2 апрели соли 2024 тақрибан соати 10 45 дақиқа дар қитъаи зеризаминии №6, уфуқи 2582 метри кони Равоти ҶСП «Комбинати металлургии тоҷик» бо кӯҳкори зеризаминӣ Мабудов Мабуд Маҳмудович соли таваллудаш 1992 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида**

Мабудов Мабуд Маҳмудович- кӯҳкорӣ зеризаминий (Гроз) ҶСП «Комбинати металлургии тоҷик»;

- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур – аз 1.02.23;
- дастури муқаддимавӣ: 31.01.2023;
- дастурдиҳӣ дар ҷои кор: 04.01.2024;
- вазъи оилавӣ - оиладор, соҳиби 4 фарзанд;

-ҳамсараш – Норова Майгула соли таваллудаш 1992;

-духтараш–Мабудова Меҳринигор, соли таваллудаш 2011;

-писараш – Мабудов Маҳмуд соли таваллудаш 2014;

-духтараш – Мабудзода Дилнура соли таваллудаш 2016;

-писараш – Мабудзода Умед соли таваллудаш 2021.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш**

Аз баёноти кӯҳкори зеризаминӣ (гроз)-и нақби зеризамнии №6-и ҶСП «Комбинати металлургии тоҷик» Мирзошоев Мирзомурод бармеояд, ки санаи 2 апрели соли 2024 соати тахминан соати $7^{\underline{00}}$ дақиқа аз устои кӯҳӣ Нуридинов Абдуваҳоб супориши корӣ оиди истихроҷи ангишт аз коргоҳи истихроҷӣ тариқи корҳои пармагарию таркишӣ аз пикети 4 уфуқи 2623 метр дар нақби зеризаминии №6 мегирад. Устои кӯҳӣ Нуридонов Абдуваҳоб баъди ба кормандони баст додани супориши корӣ, барои қабул намудани маводи таркишӣ бо ҳамроҳи таркишгар Ҳалимов Носир ба анбори нигоҳдории маводи таркишӣ ва воситаҳои тарконанда мераванд. Нақбканон Мирзошоев Мирзомурод, Маҳбудов Маҳбуд, Шоҳусенов Азиз, Ҷумаев Шерзод ба ҷои кории нақби №6 омада минтақаи кориро аз назар гузаронида, санговезаҳоро тоза намуда дар коргоҳи истихроҷӣ - пикети 4 машғули корҳои пармагарӣ мешаванд. Тахминан соати 10 $^{\underline{00}}$ дақиқа устои кӯҳӣ Нуридинов Абдуваҳоб дар якҷоягӣ бо таркишгар Ҳалимов Носир ба минтақаи кории онҳо омада дар пармачоҳҳои омодакардашуда, корҳои таркишӣ гузарониданд. Баъди гузаронидани корҳои таркишӣ устои куҳӣ Нуриддинов Абдуваҳҳоб ба дигар минтақаи корӣ меравад. Нақбканон боз корҳои пармагариро идома медиҳанд. Баъди ба анҷом расонидани корҳои пармагарӣ дар пикети 4 нақбканон Шоҳусенов Азиз ва Ҷумаев Шерзод барои каме истироҳат намудан ба беруни нақб баромаданд. Таркишгар Ҳалимов Носир барои бори дуввум гузаронидани корҳои таркишӣ як қисми маводи таркандаро оварда ба нақбканон Мирзошоев Мирзомурод ва Маҳбудов Маҳбуд, ки дар дохили нақб буданд, супорида барои овардани ноқили магистралӣ ба беруни нақб мебарояд. Тахминан соати 10 $^{\underline{30}}$ дақиқа ресмони дар танаи нақб насбшударо

Мирзошоев Мирзомурод қапида Маҳбудов Мабуд ресмонро дар танаш баста маводҳои тарконандаро гирифта, ба ҷои пармашуда мефароянд. Ҳангоми ҷобаҷо намудани маводҳои тарканда ногаҳон як қисмати ангиштсанг аз сақфи нақб канда шуда ба болои Маҳбудов Мабуд афтида ресмон канда шудааст ва Маҳбудов Мабуд аз коргоҳи истихроҷӣ бо тариқи нақби ангиштфаро тақрибан 25 метр ба нақби асосӣ афтида ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ мебардорад. Ин ҳолатро Мирзошоев Мирзомурод дида дарҳол ба беруни нақб баромада ба нақбканон хабар медиҳад. Онҳо якҷоя ба нақби асосӣ омада устои куҳиро оиди ҳодисаи нохуш хабардор намуда, бо ҳамроҳи устои кӯҳӣ ба нақб даромада Мабудов Мабудро бардошта ба беруни нақб бароварданд ва ба нақлиёти тамғаи Муссо савор намуда ба беморхонаи шаҳраки Зарафшон -1 равона шуданд. Ҳангоми интиқол додан ба беморхона дар роҳ Мабудов Мабуд вафот намудааст.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш**

**Сабабҳои техникӣ:**

- ҷинсҳои куҳии сақфи қабати ангишт аз аргиллитҳои ковок иборат мебошанд, ки баъд аз иҷрои корҳои таркишӣ ва расидани ҳаво канда мешаванд ва хавфнок мебошад;
- дар дохили қабати ангишт миёнақабати аргиллити ғафсият 0,8-1 метр мавҷуд аст, ки нисбат ба қабати ангишт вазнин мебошад ва хавфи якбора кандашавӣ ва сар задани ҳодисаи нохушро ба вуҷуд меорад;
- кунҷи афтиши қабати ангишт ва ҷинсҳои куҳии ҳамшафати он дар минтақа зиёда аз 45°-ро ташкил медиҳад, ки хавфи ҳарзамон канда шудан ва ба зер афтидан доранд, ки ҳангоми бархурдан ба одамон боиси ҷароҳатбардорӣ ва ҳалокат мегардад.

**Сабабҳои ташкилӣ:**

- беаҳамиятӣ зоҳир намудани ҷабрдида ҳангоми иҷрои корҳои куҳӣ дар минтақаи хатарнок;

- таъмин нагардидани чорабиниҳо оид ба техникаи бехатарӣ аз тарафи устои баст ва иҷрокундаи вазифаи муовини сардори қитъа, ҳангоми фаъолияти корӣ яъне тибқи лоиҳа насохтани нақби одамгузар ва ангиштфаро, инчунин нимпур кардани коргоҳи истихроҷӣ бо ангишт ҷиҳати кам кардани хатарнокӣ.

**12. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 28 апрели соли 2024 тахминан соати 17 $\underline{55}$ бо ҳарроти ҶДММ «Заринк» Бобоев Қиёмиддин Зиёвиддинович соли таваллудаш 1962 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида**

Бобоев Қиёмиддин Зиёвиддинович - санаи таваллудаш 06.01.1962, вазифааш - харрот (токар).

- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур: аз 1.05.2020;

- вазъи оилавӣ; оиладор, соҳиби 3 фарзанд.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш**

Аз баёноти таъмиргар Давлатов Сафаралӣ ва ронандаи мошини боркаш Раҳмонқулов Бахтиёр бармеояд, ки тахминан соати 17$\underline{55}$ дақиқа онҳо барои фармудан оиди тайёр намудани як адад гайка барои мошини боркаш ба назди харрот Бобоев З. меоянд, аммо мебинанд, ки дари вагони дастгоҳи харротӣ пӯшида аст. Давлатов С. дари вагонро мекушояд, ки дохили вагон пур аз дуди ғализи сухтор мебошад ва либосҳои Бобоев З. ба қисми даврзанандаи дастгоҳи харротӣ печидааст. Давлатов С. ба ронанда Раҳмонқулов мегӯяд, ки дарҳол ба сардори қитъа хабар деҳ, ки баркро хомуш кунанд ва зуд ба ҷойи ҳодиса ҳозир шавад. Давлатов С. дастгоҳи харротиро баръакс тоб дода, либосҳои ҷабрдидаро аз

қисми даврзанандаи дастгоҳ озод менамояд, вале мебинанд, ки аллакай Бобоев З. ба ҳалокат расидааст.

Баъдан ба ҷойи ҳодиса сардори қитъа - Қаюмов Б, инчунин коргарон Мастонов Б, Раҳмонқулов Б ва дигарҳо ҳозир шуда, ҷасади ҷабрдидаро ба матрас гузоштанд ва ба мақомотҳои дахлдор хабар доданд. Баъд аз мурoҷиати онҳо ба минтақа намояндагони прокуратура ва ШВКД дар ноҳияи Сангвор ҳозир шуда, баъд аз азназаргузаронии марҳум бо духтури минтақавӣ тавассути автомашинаи сабукрави тамғаи УАЗ бо рақами қайди давлатӣ 746ZT01 бор карда, ба мурдахонаи ноҳияи Сангвор бурданд.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш**

**Сабаби техникӣ:**

- корношоям будани тугмачаи нигоҳдории садамавӣ ва системаи нигоҳдории худкори муҳофизатӣ.

**Сабабҳои ташкилӣ:**

– дастгоҳи харротӣ ҳамчун таҷҳизоти техникии дар объекти истеҳсолии хатарнок истифодашаванда аз экспертизаи бехатарии саноатӣ гузаронида нашудааст;

- ба талаботҳои бехатарӣ ҷавобгуй набудани андозаи вагони сехи харротӣ ва қуттии барқтақсимкунии сехи харротӣ;

- риоя нашудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ аз тарафи ҷабрдида, яъне ҳангоми таъмирталаб будани дастгоҳ, ба талаботҳои бехатарӣ ҷавобгуй набудани дастгоҳи харротӣ аз ҳисоби корношоям будани тугмачаҳои нигоҳдории садамавӣ ва системаи нигоҳдории худкори муҳофизатӣ идома додани кор.

**13. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 7 апрели соли 2024 тахминан соати 7 $^{\underline{00}}$ дақиқа бо оператор-хазиначии нуқтаи фуруши сузишвории ҶДММ «Мабдаи Нур» дар шаҳри Истаравшан - Қодиров Валиҷон Турсунович, соли таваллудаш 1969 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида:**

Қодиров Валиҷон Турсунович – санаи таваллудаш 03.03.1969 – таркишгар;

- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур – 5 солу 1 моҳ;
- аз рӯи касб – 5 солу 1 моҳ;
- дастурдиҳии мукаддимавӣ: мавҷуд нест;
- дастури навбатӣ: 04.03.2024;
- вазъи оилавӣ - оиладор соҳиби 2 фарзанд;
- ҳамсараш – Носирова Хосият, соли таваллудаш – 1972;
- духтараш Қодирова Фазилат, соли таваллудаш – 2003;
- духтараш Қодирова Башорат, соли таваллудаш – 2006.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш**

Аз баёноти сардори нуқтаи фуруши сузишвории ҶДММ «Мабдаи Нур» дар ҳудуди шаҳраки Гули Сурх Ибрагимов Абдулло бармеояд, ки санаи 7 апрели соли 2024 тахминан соати 6$^{\underline{20}}$ дақиқа ба нуқтаи фуруши сузишворӣ ҳозир шудааст, ҳангоми ҳозир шудан ба ӯ посбони нуқтаи фуруши сузишвории ҶДММ «Мабдаи Нур» Сидиқов Нарзулло гуфтааст, ки аз таҳхонаи ҷои зарфи гази моеъ буйи газ меомад ва Қодиров В. барои махкам намудани ҷумак (вентил) ба таҳхона фаромадааст. Ибрагимов А. дарҳол рафта дидааст Қодиров В. аз ҳуш рафтааст. Баъдан ӯ дарҳол ба Абдуазимов А. занг зада аз ҳолати кор хабар додааст. Сипас кормандони Хадамоти оташнишонии шаҳри Истарафшан омада Қодиров Валиҷонро аз таҳхона ба саҳни нуқтаи фуруши сузишворӣ бароварда ёрии аввалия расонидаанд. Баъдан Ибрагимов А. бо ҳамроҳии Абдуазимов А., Қодиров В.-ро ба беморхонаи маркази шаҳри Истаравшан овардаанд. Тибқи маълумотҳои хулосаи экспертизаи тибби судӣ заҳролудшавӣ аз гази пропан боиси марги Қодиров Валиҷон шудааст.

**Сабабҳои рух додани ҳодисаи нохуш**

**Сабабҳои техникӣ:**

- ноустуворӣ ва фарсудашавии ҷумаки газгузари нуқтаи фуруши сузишворӣ.

**Сабабҳои ташкилӣ:**

- тибқи талаботҳои сохтмонӣ муҳаррики фишордиҳандаи газӣ ба талаботҳо ҷавобгуй набуд;

- системаи шамолдиҳандаи нуқтаи фуруши сузишворӣ ба пуррагӣ тибқи талабот ба роҳ монда нашуда буд.

**14. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 8 майи соли 2024 тахминан соати 17$^{\underline{10}}$ дақиқа дар нишебии обқабулкунаки доимии сохтмони иншооти НБО «Роғун» бо муҳандиси ФҶСП ШМ «Туннел Садди Ориёно» Ҳасан Каримӣ Сайдалӣ, соли таваллудаш 1977 дар натиҷаи канда шудани қубур аз терминали тақсимоти ҳавои фишурдаи ҳавоҷамъкунаки ҶСП «Заводи таҷрибавии механикӣ»-и ш. Норак рух додааст.**

**Маълумот дар бораи шахси фавтида**

Ҳасан Каримӣ Сайдалӣ – санаи таваллудаш 22.12.1977, муҳандиси ФҶСП ШМ «Туннел Садди Ориёно»;

- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур – 9 моҳ;
- аз рӯи касб – 9 моҳ;
- дастурдиҳии муқаддимавӣ: 10.08.2023;
- дастури навбатӣ: 18.04.2024;

Вазъи оилавӣ: оиладор соҳиби 4 фарзанд:

-завҷааш Озито Кайвони Муҳаммадқул, санаи таваллудаш 06.11.1980;

- духтараш – Ялдо Каримӣ, санаи таваллудаш 22.01.2005;
- писараш – Илё Каримӣ, санаи таваллудаш 01.04.2009;
- писараш – Орию Каримӣ, санаи таваллудаш 31.03.2012;
- писараш – Орон Каримӣ, санаи таваллудаш 08.10.2022.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш**

Санаи 8 майи соли 2024 тахминан соати $7^{00}$ дақиқа муҳандиси ФҶСП ШМ «Туннел Садди Ориёно» Ҳасан Каримӣ Сайдалӣ дар утоқи кории минтақаи нишебии обқабулкунаки доимии тарози 1300 метр ба коргарон супориши корӣ оиди насби анкерҳои ПНА ва корҳои сементатсиониро додааст ва кормандон дар китоби супориши кории ҳаррӯза имзо гузошта ба минтақаҳои кории худ рафтаанд. Тибқи супориши корӣ коргарони ҷамъият Шамсов О., Каримов Н., Соибназаров А. ва Мамадазимов Ҳ., барои омода ва насб намудани анкерҳои ПНА ба тарози 1150 метр рафта машғули кор шуданд. Тақрибан соати $12^{00}$ дақиқа корро ба анҷом расониданд. Соати $13^{00}$ дақиқа танаффуси нисфирӯзиро ба анҷом расонида, Шамсов О., Каримов Н., Соибназаров А. ва Мамадазимов Ҳ. тибқи супориши муҳандис Ҳасан Каримӣ аз тарози 1300 метр ба тарози 1284 метр барои идомаи корҳо ҳозир шуданд. Шамсов О., Каримов Н., Соибназаров А. ва Мамадазимов Ҳ. тақрибан то соати $16^{00}$ дақиқа як адад анкери ПНА-ро омода намуда, дар тарози 1284 метр насб намуданд. Ҳасан Каримӣ ба Шамсов О., Каримов Н., Соибназаров А. ва Мамадазимов Ҳ. супориш додааст, ки боз як анкери ПНА омода намоянд. Коргарон машғули кор мешаванд ва Ҳасан Каримӣ ба Мамадазимов Ҳ. супориш додааст, ки то ӯ аз анбор рафта гулдона биёрад. Мамадазимов Ҳ. гулдонаро рафта аз анбор овардааст, ки дар ин вақт Ҳасан Каримӣ ба самти утоқи корияш рафтааст ва ногаҳон аз пайвандии қубури полиэтилении қутраш (диаметр) 110мм-ра ва қубури қутраш 50 мм, ки аз байн бо қубури оҳанини қутрҳояшон гуногун бо хамут ва сими 4 мм боҳам пайваст будааст, қубури полиэтилении қутраш 110 мм аз ҷои пайвандӣ дар масофаи 40 см аз таъсири фишори баланд тоб наоварда медарад, ки чангу ғубори зиёд пайдо мешавад ва лапиш

хурда қубури 50 мм-ро аз ҷумаки терминал канда, қубури мазкур ҳаракатҳои гуногун карда ба трансформатори 630 кВт бархурда ба бадани муҳандис Ҳасан Каримӣ задааст ва ӯ аз сатҳи 1300 метр ба сатҳи 1284 метр аз баландии 16 метр афтидааст. Дар ин маврид компрессорчии ҶСП «Заводи таҷрибавию механикӣ»-и ш. Норак Ҳусенов Д, ки дар назди компрессор қарор доштааст, ҳангоми шунидани садои баланд ва чангу ғубори зиёд 3-4 дақиқа интизор шудааст ва баъд аз кам шудани чангу ғубор дарҳол компрессорро хомӯш намуда, шитобон ба сӯи компрессор рафта онро хомӯш намуда мебинад, ки Ҳасан Каримӣ ба тарози 1284 метр афтидааст ва дар гирду атрофи ӯ коргарони зиёд ҷамъ шудаанд. Дар ин вақт Ҷабборов Ш. анборчӣ ва устои басти тарози 1300 метр Фаршед Масеъпур аз анбор замбар гирифта Ҳасан Каримиро ба автомошинаи Foton бо рақами қайди давлатиаш 921 ХЕ 08 савор намуданд ва Ҷабборов Ш. набзи Ҳасан Каримиро санҷида мушоҳида намудааст, ки ӯ фавтидааст.

**Сабабҳои рух додани ҳодисаи нохуш**

**Сабабҳои техникӣ:**

-истифода бурдани қубурҳое, ки ба фишори истифодабарии зарфи зери фишор коркунанда мутобиқ нест;

-назорати кор ва таъмини шароити бехатарии кори компрессорҳо ва пайвандии қубурҳо бояд бо дастгоҳҳои бехатарӣ (занҷирҳои муҳофизати) таъмин карда шавад.

**15. Ҳодисаи нохуши ҳолати ҷароҳатбардорӣ санаи 22 апрели соли 2024 тахминан соати 7 $^{\underline{00}}$ дақиқа дар қитъаи зеризаминии №3-и ҶДММ «Сиёвуш Ф» бо устои кӯҳӣ - Ҳусайни Саид Хон Оғо, соли таваллудаш 1999 шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида:**

Ҳуссайни Саид Хон Оғо - санаи таваллудаш 21.03.1999, устои кӯҳӣ;

- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур: аз 02.01.2022;

-дастурдиҳии муқадимавӣ: аз 21.05.2022;

-дарстурдиҳӣ дар ҷои корӣ: аз 21.05.2022;

-вазъи оилавӣ: муҷаррад.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш**

Аз баёнотҳои нақбканони нақби зеризаминии №3-Баҷаври Закеруллоҳ ва Раҳмонуллоҳ Мусахал бармеояд, ки санаи 22.04.2024 тахминан соати $6^{\underline{00}}$ дақиқа аз устои кӯҳӣ Ҳусайни Саид Хон Оғо супориши кор оиди мустаҳкам намудани нақб ва истихроҷи ангишт аз нақби №3-и кони Шашқат мегиранд. Устои кӯҳӣ Ҳуссайни Саид Хон Оғо баъди додани супориши корӣ бо ҳамроҳии кормандони нақб Баҷаври З, Раҳмонуллоҳ М, ва Раҳмонӣ М. ба минтақаи кории нақби зеризаминии №3 даромада, аз пайи иҷрои супориши кор шуданд. Ҳуссайни Саид Хон Оғо – устои кӯҳӣ бо ҳамроҳии Баҷаври З. ва Раҳмонӣ М. барои мустаҳкам намудани нақб корро шуруъ намуданд. Тахминан баъди як соати корӣ яъне соати $7^{\underline{00}}$ дақиқа ҳангоми мустақкам намудани чӯби шифти нақб пойи Ҳуссайни Саид Хон Оғо дар ҷои истодааш лағжида, сипас чӯби шифт ба болояш афтидааст ва ӯ ҷароҳати ҷисмонӣ бардоштааст. Дар ҳамин вақт Баҷаври З. ин ҳолатро дида дарҳол ба Раҳмонуллоҳ М, ки машғули бор намудани ангишт ба вагонетка будааст, барои расонидани кӯмак даъват менамояд. Онҳо якҷоя Ҳуссайни Саид Хон Оғоро ба вагонеткаи ангиштбарорӣ бор намуда ба беруни нақб баровардаанд. Баҷаври Закеруллоҳ ба сардори қитъа Алӣ Ҳайдарӣ занг зада, оиди рух додани ҳодиса хабар додааст. Алӣ Ҳайдарӣ - сардори қитъа бо нақлиёти сабукрави тамғаи Муссо ба назди нақби зеризаминии

№3 омада, Ҳуссайни Саид Хон Оғоро ба нақлиёт бор намуда ба беморхонаи шаҳри Панҷекент бурда бистарӣ намуданд.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш**

- риоя накардани талаботҳои шиносномаи мустаҳкамкунии нақби зеризаминӣ;
- беаҳмиятии ҷабрдида ҳангоми иҷрои корҳои кӯҳӣ, яъне пеш аз оғози кор бояд ба ҳолати бехатарии шифти нақб, мустаҳкамкунии нақб бовари ҳосил карда, сипас корро шурӯъ менамуд.

**16. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 24 майи соли 2024 тахминан соати 16 $^{\underline{15}}$ бо коргари ҶДММ «Тит Антен», пудратчии КФ «Шахтаи Фон Яғноб» – Адҳамов Урунбек Ҳамдамович соли таваллудаш 1978 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида**

Адҳамов Урунбек Ҳамдамович, санаи таваллудаш 09 июли соли 1978, истиқоматкунандаи ноҳияи Айнӣ, шаҳраки Зарафшон-2, кучаи Куҳкан 2, ҳуҷраи 5;

- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур аз 2 декабри соли 2009;
- санаи дастурдиҳии навбатӣ дар ҷои кор: 19.12. 2023;
- вазъи оилавӣ: оиладор, соҳиби 2 фарзанд;
- Шарофова Вилоят – ҳамсар, соли таваллудаш 1975;
- Адҳамов Улуғбек – писар, соли таваллудаш 2002;
- Адҳамова Дурбибӣ – духтар, соли таваллудаш 2009.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш**

Аз баёнотҳои устоҳои куҳӣ Боқиев Ҷамшед ва Гоу Тсилун бармеояд, ки санаи рух додани ҳодиса соати 8$^{\underline{00}}$ дақиқа ба кормандони зеризаминии басти 2 супориши корӣ дода, оиди техникаи бехатарӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, ба иҷрои корҳо шруъ намудаанд. Дар баёноти нақбкан Ян Хуомин дарҷ гардидааст, ки Адҳамов Урунбек бо ҳамроҳии Ян Хуомин барои кашонидани ангишт ба нақби ангиштфарорӣ баромада, ба назди ғарғараи

ангишткашонӣ рафта машғули кор шуданд. Аз тарафи устои кӯҳӣ Гуо Тсилун иҷрои кори онҳо тахминан соатҳои $10^{\underline{00}}$ дақиқа назорат карда шудааст. Соати $12^{\underline{00}}$ дақиқа Ян Хуомин ва Адҳамов Урунбек якҷоя ба беруни нақб баромада, ба ошхонаи корхона омада хӯроки нисфирузӣ мехӯранд, баъди хуроки нисфирузӣ боз ба минтақаи корӣ рафта машғули кор шуданд. Онҳо бо тариқи ғарғара аз коргоҳи истихроҷи ангишт ба нақби ангиштфаро ангишт интиқол медодаанд. Тахминан соати $15^{\underline{50}}$ дақиқа симтаноби ғарғара канда шудааст. Ҳангоми иҷрои корҳо Боқиев Хуршед – таркишгар, ки дар наздикии онҳо қарор доштааст, пас аз гузаронидани корҳои таркишии хурд ба назди онҳо омада бо Адҳамов Урунбек ҳамсуҳбат шуда, баъдан аз назди онҳо баромада ба беруни нақб меравад. Тахминан соати $14^{\underline{30}}$ дақиқа устои куҳӣ Гуо Силун омада аз иҷрои кори онҳо назорат намуда ба дигар минтақаи корӣ рафтааст. Боқиев Ҷамшед – устои баст ба ҷои коргарони басти дуюмро аз ҷои кор бароварда, баъдан супоридани басти корӣ соати 15 $^{\underline{35}}$ дақиқа аз қитъаи зеризаминӣ баромада, ба хобгоҳ рафтааст. Мувофиқи баёноти коргари зеризаминии ҷои маъдан - Ян Хуомин онҳо бо ҳамроҳии Адҳамов Урунбек соати $15^{\underline{50}}$ дақиқа корро анҷом дода, аз нақби ангиштфаро ба нақби асосӣ якҷо фаромадаанд. Дар назди лентаи ангишткаш бо кормандони басти 3-юм Лин Шанси, Лю Тси ва Ло Козай вохурда ҳамсӯҳбат шуданд. Лин Шанси, Лю Тси ва Ло Козай аз паси иҷрои корашон шуданд. Ян Хуомин ба Адҳамов Урунбек аҳамият надода ба беруни нақб баромад. Дар даромадгоҳи қитъаи зеризаминӣ Боқиев Хуршед - таркишгари корхона барои супоридани маводҳо ба таркишгари басти сеюм – Юнусов Боҳир мунтазир истодааст. Баъд аз супоридани маводҳо ба Юнусов Боҳир дар беруни нақб мунтазири Адҳамов Урунбек меистад, ки ӯ аз нақб берун намебарояд. Дар сабтҳои

видеоии камераи назоратии даромадгоҳи қитъаи зеризаминӣ мушоҳида шудааст, ки Боқиев Хуршед хавотир шуда соати 16[41] дақиқа ба нақби зеризаминӣ медарояд. Мувофиқи баёноташ Боқиев Хуршед ба минтақаи кории онҳо рафта ӯро дарёфт накарда гашта ба беруни нақб омада такроран ҳамроҳии Давлатов Маҳмадрасул дар якҷоягӣ барои кофтукоби Адҳамов Урунбек ба нақб даромаданд ва номбурдаро пайдо накарданд. Онҳо аз қитъаи зеризаминӣ баромада ба устои кӯҳӣ Боқиев Ҷамшед оиди аз нақб набаромадани Адҳамов Урунбек хабар доданд. Боқиев Ҷамшед соати 17[20] бо ҳамроҳии кормандон дар якҷоягӣ барои кофтукоби Адҳамов Урунбек ба нақб даромаданд. Онҳо ба нақби ангиштфаро ба коргоҳи истихроҷӣ даромаданд, ки дар онҷо кормандони басти сеюм Лин Шанси ва дигарон машғули таъмири ғарғара буданд. Мувофиқи баёноти Лин Шанси ва ҳамроҳонаш то он вақт онҳо оиди гум шудани ҷабрдида огоҳ набуданд ва дар саволи устои баст оиди Адҳамов Урунбек изҳори бехабарӣ намуданд. Боқиев Ҷамшед бо ҳамроҳонаш коргоҳи истихроҷиро кофта аз зери ангишт, ҷасади беҷони Адҳамов Урунбекро дарёфт намуда, ба беруни нақб бароварданд ва ба сардори қитъаи зеризаминӣ Қаландаров Қаландар занг зада оиди ҳодиса хабар доданд. Сипас сардори қитъа Қаландаров Қаландар ба назди нақб омада ҷасади Адҳамов Урунбекро ба автомашинаи тамғаи Муссо савор намуда, ба беморхонаи шаҳраки Зарафшон-1 барои экспертиза оварда супориданд.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш**

**Сабабҳои техникӣ:**

- объекти истеҳсолии хатарнок будани қитъаи зеризаминӣ, мавҷудияти хавфи ногаҳон кандашавии қабати ангишт ва дигар ҷинсҳои куҳии ҳамшафати он дар дохили коргоҳи истихроҷӣ;

- мураккаб будани сохти геологии ҷинсҳои куҳии минтақа аз он ҷумла қабати ангишт.

**Сабабҳои ташкилӣ:**

- бе назорат гузоштани коргарон ҳангоми иҷрои кор дар минтақаи хатарнок аз тарафи устоҳои басти корӣ;
- пеш аз анҷоми вақти корӣ тарк кардани маҳалли кор аз тарафи сардори қитъаи зеризаминӣ ва устоҳои басти корӣ;
- мавҷуд набудани бақайдгирии коргарон ҳангоми воридшавӣ ба қитъаи зеризаминӣ ва хориҷшавӣ аз он;
- мувофиқи лоиҳаи коркарди кон ба роҳ намондани технологияи коркарди кон;
- назорати дақиқ набурдан аз тарафи кормандони муҳандисию-техникии КФ «Шахтаи Фон Яғноб» ва ҶДММ «Тит Антен».

**17. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 26 майи соли 2024 тақрибан соати 23$^{\underline{05}}$ дақиқа дар шаҳри Душанбе ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ 57, маркази савдои «Пайкар» бо боркаши ҶДММ «Реал Трейдинг» Қараев Ҳошим Ҳамроқулович, соли таваллудаш 1998 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида:**

Қараев Ҳошим Ҳамроқулович санаи таваллудаш 10 феврали соли 1998, вазифааш боркаш;

Вазъи оилавӣ-муҷаррад.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш:**

Аз баёноти Расулов Ҳамза Абулқодирович – назоратчии камераҳои «Пайкари - 4» бармеояд, ки санаи 26 майи соли 2024 тақрибан соати 14 $^{\underline{00}}$ дақиқа ба ҷои кориаш ҳозир шудааст ва тақрибан соати 16$^{\underline{00}}$ дақиқа басти кориро аз корманд Абдурауф қабул намудааст, ҳамин тавр то соати 23 $^{\underline{05}}$ дақиқа корро давом додааст, ки ногаҳон овози нолиш баромадааст, дар ҳамин вақт фурушанда-маслиҳатчӣ бо ном Аҳмад фарёд зада номашро гирифта гуфтааст, ки ба наздаш равад. Баъдан

Расулов Ҳамза аз утоқи кориаш баромада дидааст, ки Қараев Ҳошим Ҳамроқулович дар шифти лифт афтидааст. Ӯ зуд ба наздаш рафта дидааст, ки аз тарафи рости рӯяш хун мерафт, вале ба ҳуш буда гап зада метавонистааст. Расулов Ҳамза аз Қараев Ҳошим Ҳамроқулович пурсидааст, ки чи тавр ин ҳодиса рух дод, ҷабрдида дар ҷавоб гуфтааст, ки худ аз даруни лифт ҳангоми ҳаракат ба шахтаи лифти боркаш қисмати болои танашро бароварда хостааст туф кунад, вале аз қисмати девори шахтаи лифти боркаш, ки як қисмати девор баромадааст ва ҳангоми ҳаракат аз болои сараш пахш кардааст. Расулов Ҳамза ба муҳофизи калон ва мудири толор тавассути ратсия ба алоқа баромада онҳоро ба ҷои ҳодиса ҷеғ задааст. Онҳо дар навбати худ омада ба ёрии таъҷилӣ занг задаанд. Бо сабаби аз ҳад зиёд ҷудо шудани хун аз қисмати сари ҷабрдида, ӯро бо автомашинаи тамғаи Леганзе р/д 3957 КМ 08, ки ба Низомов Мусалмон тааллуқ доштааст, савор карда бо ҳамроҳии Фахриддин – администратори Пайкари–4 ба беморхона равон шудаанд. Баъдан Расулов Ҳамза Ҳамроқулович санаи 27 майи соли 2024 хабари фавти Қараев Ҳошим Ҳамроқуловичро фаҳмидааст.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш:**

- аз ҷониби роҳбарияти ҶДММ «Реал Трейдинг» таъмин накардани лифт бо дастурамал оид ба истифодабарӣ бо замимаи шарту талаботи бехатарона истифодабарии кори лифт (руководство по эксплуатации);
- таъмин нагардидани кабинаи лифти боркаш бо панҷараи муҳофизатӣ ва дари кабина.

**18. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар санаи 20 июни соли 2024 тахминан соати 16 $^{\underline{30}}$ дақиқа бо кӯҳкори ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ – саноатии Тоҷикистону Хитой» Рабиев Варқа Раҷаббоевич, дар кони зеризаминии Зарнисор, уфуқи 7 (сатҳи 1220 метр) рух додааст.**

**Маълумот дар бораи шахси фавтида**

Рабиев Варқа Раҷабович – санаи таваллудаш 03.11.1973, кӯҳкори зеризаминии ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ – саноатии Тоҷикистону Хитой»;

- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур - аз 17.03.2021;
- дастурдиҳии мукаддимавӣ – аз 01.12.2023;
- дастурдиҳӣ дар ҷои кории навбатӣ – аз 05.12.2023;

-вазъи оилавӣ- оиладор соҳиби 3 фарзанд;

-ҳамсараш Робиева Қумрӣ, соли таваллудаш 1978;

-писараш Робиев Муҳаммадраҷаб соли таваллудаш 1999;

-писараш Робиев Шоҳжахон, соли таваллудаш 2004;

-духтараш Робиева Нурбону, соли таваллудаш 2013.

**Ҳолати рух додани ҳодисаи нохуш:**

Аз баёнотҳои кормандони куҳӣ басти корӣ Ву Ҷанг Чун - устои куҳӣ кони зеризаминӣ, Абдуллозода Шаҳром - ронандаи нақлиёти боркунак, Зиёев Абдуқаюм, Партобов Ҳусниддин ва Баротов Фурқат бармеояд, ки санаи 20.06.2024 соати $7^{30}$ дақиқа тариқи нақлиёти электровози одамкаш ба уфуқи 5 даромада бо лифт ба уфуқи 6-2 рафта либосҳои кориашонро иваз намуда, мунтазири нақлиёти боркунак (ПДМ) шуданд. Устои куҳӣ – Ву Ҷанг Чун ба кормандон Абдуллозода Шаҳром, Рабиев Варқа, Баротов Фурқат, Зиёев Абдуқаюм ва Партобов Ҳусниддин супориши корӣ оиди тоза намудани сангҳо аз канори роҳҳо ва кашонидани обҳои рӯизаминӣ бо тариқи насоси обкашӣ дод. Онҳо якҷоя ба уфуқи 2058 метр рафта ба кор шурӯъ намуданд. Барои кашонидани обҳои рӯи роҳи нақб, тақрибан 3 метр қубури обкашӣ лозим мешавад. Тахминан соати $9^{00}$ дақиқа Баротов Фурқат рафта аз дигар минтақаи корӣ қубури обкашӣ меорад, ки қутраш бо насоси обкашӣ мувофиқ намеояд. Дар ин вақт Рабиев Варқа ба кормандон Баротов Фурқат, Зиёев Абдуқаюм ва Партобов Ҳусниддин гуфтааст, ки рафта қубури обкашӣ

ёфта меорам. Кормандон сангҳои рӯи роҳи нақбро тоза намуда, ба ковши нақлиёти боркунак бор мекунанд. Баъд ба назди насоси обкашӣ омадаанд, ки қубури насос таъмир нашудаасту аз Рабиев Варқа хабаре нест. Онҳо якҷоя ба ҷустуҷӯи Рабиев Варқа машғул мешаванд, вале ӯро дар ҷои корӣ наёфтанд. Баъд ба назди устои кӯҳӣ – Ву Ҷанг Чун, ки дар таъмиргоҳи нақлиётҳо қарор доштааст, рафта оиди гум шудани Рабиев Варқа хабар доданд. Ву Ҷанг Чун-устои куҳӣ корро манъ намуда, якҷоя бо дигар кормандон барои ҷустуҷӯи Рабиев Варқа машғул шуданд. Тахминан соати $16^{30}$ дақиқа ҷасади Рабиев Варқарро дар нади нақби ҳавокаши амудӣ пайдо намуданд. Аз баёнотҳо ва азназаргузаронии ҷои рухдодаи ҳодисаи нохуш маълум мешавад, ки Рабиев Варқа аз уфуқи 1258 метр ба чоҳи ҳавокаши амудӣ ба уфуқи 1220 метр, яъне 38 метр афтида ба ҳалокат расидааст. Тахминан соати $17^{40}$ дақиқа кормандони Взводи 4-уми наҷодиҳии куҳӣ шаҳраки Зарнисор ба ҷои ҳодисаи нохуш омада маҳрумро аз нақби ҳавокаши амудӣ ба беруни нақб бароварда, ба беморхонаи шаҳраки Зарнисор оварда супориданд.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш**

- пурра маҳкам накардан, муҷаҳҳаз накардан бо панҷара ва нагузоштани аломатҳои огоҳкунанда (ҷои хатарнок) дар даромадгоҳи майдончаи нақби ҳавокаши амудӣ;
- таъмин накардани кормандон бо лавозимотҳои корӣ, яъне бо қубури обкашӣ;
- суст будани системаи ҳаводиҳии нақбҳои зеризаминӣ дар қитъаҳои корӣ;
- таъмин нагардидани ҷойҳои корӣ бо системаи равшандиҳӣ;
- назорати суст оид ба риояи талаботҳои бехатарии саноатӣ дар минтақаҳои корӣ аз тарафи кормандони муҳандисию техникии ширкат.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки бар асари ҳодисаҳои нохуши дар нимсолаи аввали соли 2024 рухдода 14 нафар ба ҳалокат расида, ки аз онҳо 11 нафар шахсони ба ҳалокат расида шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Эрон ва 2 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Халқии Хитой мебошанд.

Дар таъминоти шахсони ба ҳалокатрасида 45 нафар аъзоёни оила буда, аз онҳо 18 нафар фарзандони ноболиғро ташкил медиҳанд ва онҳо бесаробон мондаанд.

Масъулон бояд дарк намоянд, ки акнун барои 18 нафар фарзандони ноболиғи бесаробонмондаи нафарони бар асари ҳодисаҳои нохуш фавтида, дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бесаробон монданашон то ба синни 18 солагӣ расиданашон нафақа таъин менамояд, ки ин дар баробари дастгирии иҷтимоӣ зарари иқтисодӣ ба давлат низ мебошад. Корхонаҳо низ ба оилаҳои ҷабрдида тибқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмакҳои моддӣ расонида, вобаста ба маъюбӣ ва фавти корманд ҷуброни зарарро пардохт менамоянд. Ҳамаи ин бинобар риоя накардани талаботҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарии корҳо буда, албатта дар баробари дастгирӣ зарар ба худи ин корхонаҳо низ мебошад.

Инчунин шахсони масъули корхонаҳо ва дигар кормандон бинобар қонун ва қоидавайронкуниҳо ҷаримабандӣ карда мешаванд, ки ба корхона зарари молиявӣ мерасонад. Агар роҳбарони корхонаҳо, масъулин ва кормандони корхонаҳо ба қоидаҳои бехатарона бурдани корҳо аҳамияти хоса дода талаботҳои ҳифзи меҳнатро риоя намоянд, чунин зарарҳо ба тарафҳои зикргардида ба миён наомада, дигарон низ осеб намедиданд. Аз ин рӯ, роҳбарон ва дигар масъулини корхонаҳоро зарур аст, ки барои ҷамъбасти фаъолиятҳои кории корхонаҳо бе ҳодисаҳои нохуш ҷиҳати риояи

қоидаҳои бехатарона бурдани корҳо чораҳои доимӣ андешанд.

Зимни тафтиши 18 ҳодисаҳои нохуши бақайдгирифташуда чорабиниҳо иборат аз 235 банди умумӣ таҳия гардида, мӯҳлати иҷрои ҳар як банд ва иҷрокунандаи ҳар як банд муайян карда шудаанд. Комиссияҳо дар асоси «Тартиби гузаронидани тафтиш ва баҳисобгирии ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2014, №462 амал намуда, тафтишот бурда, ҳолат, сабабҳои асосии техникӣ ва рух додани ҳодисаҳо ва садамаро муайян намуда, инчунин дигар маълумотҳои зарурии алоқаманд ба ҳодисаҳои нохуш ва садамаро ҷамъ оварда, санадҳоро доир ба ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот ва парвандаҳои онҳоро тартиб дода, дар мӯҳлатҳои муайянгардида ба Хадамот, тибқи тартиби муқарраргардида барои баррасӣ пешниҳод намуданд. Дар рафти тафтишот нисбати шахсоне, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накардаанд, тибқи қонунгузорӣ чораҳои дахлдор, яъне ҷазои маъмурӣ татбиқ гардидааст. Барои иҷрои чорабиниҳои қабулнамудаи комиссияҳо корхонаҳо чораҳои бартараф намудани камбудиҳоро андешида, ба Хадамот тибқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маълумот пешниҳод менамоянд. Аз ин рӯ, роҳбарияти корхонаҳо ва дигар масъулини бехатарии саноатиро зарур аст, ки иҷроиши бандҳои чорабиниҳо, ки ба онҳо мӯҳлати «доимӣ» ва ё «фавран» навишта шудааст, доимо зери назорат гирифта, ба такроршавии чунин ҳодисаҳои нохуш роҳ надода, саломатии кормандонашонро ҳифз намоянд. Ҳамчунин маводҳои ҷамъовардаи комиссияҳо дар асоси ваколатҳои Хадамот дар ҷаласаҳои ҳайати мушовара мавриди баррасӣ қарор дода шуда, қарорҳои дахлдор қабул гардидаанд. Хадамот ва мақомотҳои дахлдори он, инчунин кумитаҳои иттифоқҳои касабаи соҳавӣ парвандаҳои дахлдори

ҳодисаҳои нохушро баъди ба анҷом расонидани тафтишот ба мақомоти прокуратура пешниҳод намуданд.

Комиссияҳо тавре дар боло қайд гардидааст, барои бартараф кардани сабабҳои сар задани ҳар як ҳодисаи нохуш ва ҷиҳати пешгирии такроран ба вуҷуд омадани чунин ҳодисаҳо чорабиниҳо таҳия ва мӯҳлатҳои иҷрои онҳоро муайян намуда, назорат бурдааст. Нозирони дахлдори Хадамотро зарур аст, ки иҷроиши бандҳои мӯҳлати иҷрояшон «доимӣ» муайян гардиданд, зери назорати доимӣ қарор диҳанд.

## ХУЛОСА:

Таҳлили ҳодисаҳои нохуши рухдода дар нимсолаи аввали соли 2024 нишон медиҳад, ки бинобар риоя накардани дастурамалҳои вазифавӣ ва дигар талаботҳои қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ оиди бехатарии саноатӣ, ҳодисаҳои мудҳиши марговар ва ҷароҳатбардорӣ рух додааст. Комиссияҳои тафтишотӣ ва маъмурияти корхонаҳо дар баробари кӯмаку дастгириҳо ба онҳо ҳамчун ҷабрдида, дар рафти бурдани тафтишот ҳангоми муайян кардани сабабҳои асосии сар задани ҳодисаҳои нохуш нисбати баъзеи онҳо тибқи талаботҳо чораҳои лозимӣ, яъне ҷазои маъмурӣ ва муҷозотҳои интизомӣ татбиқ намудааст. Дар баробари ин дар байни худи зарардидагон ба қоидавайронкуниҳо роҳ дода, баъзе шахсони бар асари ҳодисаҳои нохуш фавтида низ ба қоидавайронкуниҳо роҳ додаанд, ки ҳаёти худро зери хатар монда, боиси сар задании ҳодисаҳои нохуш гардидаанд. Ҳамин тариқ дар нимсолаи аввали соли 2024 нисбати шахсони ҳуқуқӣ, мансабдор ва воқеӣ аз тарафи комиссияҳои тафтишотӣ ҷазои маъмурӣ татбиқ гардидаанд.

Ба 20 нафар зарардидагон (аз ҷумла 14 нафар фавтидагон) аз тарафи корхонаҳо, иттифоқҳои касаба ва шахсони воқеӣ дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии

Тоҷикистон боби 36 моддаи 343, ҷуброни зарар кумакпулии яқвақта ва барои гузаронидани маросимҳои дафн, маъракаҳо барои ҷароҳатбардоштагон, барои гирифтани табобат кӯмакҳои пулӣ ба маблағи **2576541** сомонӣ, инчунин кӯмакҳои молӣ расонида шуданд.

Ба 18 нафар фарзандони ноболиғи кормандони дар ин ҳодисаҳои нохуш ҳалокгардида давлат, тибқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрдампулии барои то синни 18-солагӣ расиданашон муқаррар менамояд, ки ин дар баробари дастгирии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар ба буҷаи давлат низ мебошад.

Агар масъулин қоидаҳои техникаи бехатариро худ риоя мекарданд ва риоя кардани онҳоро аз нафарони ҳалокгардида талаб мекарданд ва фаҳмондадиҳиро дар байни онҳо пурзӯр мекарданд ва барои риояи бехатарии саноатӣ чораҳои зарурии саривақтӣ меандешиданд, чунин ҳодисаҳои нохуш рух намедод, зарарҳои моддӣ ба тарафҳои зикргардида намешуд ва боиси зарари маънавӣ ба оилаҳои нафарони зарардида низ намегардид. Ҳатто баъзе корхонаҳо барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта набудани маблағро пеш меоранд. Ҳол он ки маблағгузории ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо бояд, ки мувофиқи талаботҳои моддаи 24 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шавад. Дар урфият низ мегӯянд, ки «Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ».

Аз ин рӯ, роҳбарон ва масъулини бехатарии саноатии корхонаҳо ва тамоми кормандони онҳоро зарур аст, ки баҳри ҳифзи саломатиашон дар истеҳсолот қоидаҳои бехатарии меҳнатро бояд доимо риоя намоянд, зеро бехатарӣ дар истеҳсолот ин кори ҳамаи иштирокчиёни истеҳсолот аст. Техникаи бехатарӣ бошад

ин олоти пешгирии ҳодисаҳои нохуш ҳангоми кор бо воситаҳои техникӣ мебошад.

Иҷроиши бандҳои чорабиниҳои таҳиянамудаи комиссияҳои тафтишоти ҳодисаҳои нохушро, ки мӯҳлати иҷрои онҳо ба таври «доимо» ё «ҳар сол» нишон дода шудаанд, роҳбарону масъулини корхонаву ташкилотҳои дахлдор бояд ба таври доимӣ зери назорат гиранд, то ки чунин ҳодисаҳо такрор нашаванд.

Бо мақсади пешгирии ҳодисаҳои нохуш ва садамаҳои истеҳсолӣ солҳои мибаъда бояд семинар – машваратҳои техникӣ соҳа ба соҳа гузаронида шуда, корҳои фаҳмондадиҳӣ – профилактикӣ дар корхонаҳои зеринназоратӣ зиёд карда шаванд.

Роҳбарону масъулини корхонаву иншоотҳои зеринназоратӣ ва дигар корҳои зеринназорати Хадамот қарордоштаро зарур аст, ки дастуру нишондодҳои нозирон ва дастуру супоришҳое, ки дар семинар машваратҳои техникии Хадамот ҷиҳати риояи талаботҳои қоидаҳои бехатарии саноатӣ дода мешаванд, сари вақт иҷро намуда, саломатии худ ва дигар кормандонро дар истеҳсолот эҳтиёт намоянд. Фаромӯш низ набояд сохт, ки ҳамаи кормандонро дар хона аҳли оила ва бахусус фарзандон интизоранд.

Ба матбаа 12. 07 соли 2024 супорида шуд.
Ба чопаш 15. 07 соли 2024 имзо шуд.
Андозаи 60x84 $^{1}/16$. Ҷузъи чопӣ 3,5.
Адади нашр 120. Супориши №……….

734018, ш. Душанбе, хиёбони
Саъдии Шерозӣ, 16.
Нашриёти «Шарқи озод»-и Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.